بسم الله الرحمن الرحيم

***Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим***

**قَالَ رَسُول الله (صلّى الله عليه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْن: كِتَابَ الله، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَانَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتىّ يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7****, саҳ*. ***122****; Сунани Дорамӣ*, *ҷилди* ***2****, саҳ*. ***432****; Муснади Аҳмад*, *ҷилди* ***3****, саҳ*. ***14, 17, 26, 59,*** *ҷилди* ***4****, саҳ*. ***366, 371,*** *ҷилди* ***5****, саҳ*. ***182****, Мустадраки Ҳоким*, *ҷилди* ***3****, саҳ*. ***109, 148, 533*** *ва* ***...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

**Қисмати ҳаштум**
**Зиндагии пешвои шашум ҳазрати**
**Имом Ҷаъфари Содиқ (а)**

**Муаллиф**:
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим**:
**Зарринтоҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**


نام كتاب: پيشواى ششم حضرت امام جعفر صادق (ع)
نويسنده: هيأت تحريريه مؤسسه در راه حق
مترجم: زرين تاج
زبان: تاجيكى

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии пешвои шашум Имом Ҷаъфари Содиқ)
**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»
**Мутарҷим**: Зарринтоҷ
**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума
**Адади нашр**: 3000
**Навбати чоп**: Аввал
**Таърихи чоп**: соли 2008
**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»
**Чопхона**: Исроъ
ISBN: 978-964-529-211-7
www.ahlul-bayt.org
info@ahlul-bayt.org


RIGHTS RESERVED FOR
THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посухҳо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухо-



лифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар

ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Пешвои шашум Имом Ҷаъфари Содиқ (а)

## Мурури кӯтоҳе дар зиндагонии Имом Ҷаъфари Содиқ (а)

Номашон Ҷаъфар, кунияашон Абӯабдулло ва лақабашон Содиқ буда, падари гиромиашон Имом Боқир (а) панҷумин имом ва пешвои шиаён мебошад.

Ҳазрати Имом Ҷаъфари Содиқ ҳабдаҳуми рабиулаввали соли ҳаштоду сеи ҳиҷрии қамарӣ дар Мадина ба дунё омадаанд. Бонуи бузургвор Умми Фарва модари он гиромист. Имом худ дар бораи модарашон фармудаанд:

> ***“Модарам аз бонувони парҳезкору боимон ва некӯкор буд”.***[1]

Муддати зиндагиашон шасту панҷ сол ва имоматиашон сию чор сол: аз соли саду чаҳордаҳи ҳиҷрӣ то соли саду чилу ҳашти ҳиҷрӣ буд. Ҳокимони асри имомати эшон: Ҳишом ибни Абдулмалик, Валид ибни Язид ибни Абдулмалик, Язид ибни Валид, Иброҳим ибни Валид ва Марвони Ҳимор, аз Бани Умайя ва

[1] “Эъломулваро”, саҳ.266



Саффоҳ ва Мансури Давониқӣ аз Бани Аббос буданд.[1]

Фарзандонашон; Имом Козим(а), Исмоил, Абдулло, Муҳаммади Дибоҷ, Исҳоқ, Алии Урайзӣ, Аббос, Умми Фарваҳ, Асмоъ ва Фотима, яъне ҳафт писар ва се духтар буданд.[2]

### Ахлоқи Имом (а)

Имомони поки мо ҳар як дар замони худ намунаи ахлоқ ва амали исломӣ буданд, ҳамчунон, ки худ ба пайравон мефармуданд:

**«Кӯну дуъотан носи биғайри алсинатикум»**

***Мардумро бо ғайри забонатон – бо рафтору амалатон – ба дин ва Ислом даъват кунед”.***

Зиндагиашон саросар дарсҳои равшане аз равишҳои асили Ислом дар ҳамаи абъоди зиндагӣ буд. Ҳеҷ кас мисли онон ба дастуроти Ислом пойбандтар набуд ва бар ҳеҷ маъруфе амр намекарданд, ҷуз он ки худ пештару бештар аз дигарон ба он муфид буданду амал мекарданд ва аз ҳеҷ мункире наҳй наменамуданд, ҷуз он ки худ ҳамеша аз он иҷтиноб[3] доштанд. Ба ин гуна буд, ки парваришёфтагони мактаби онон аз ҳар гӯшаи зиндагии он бузургворон дарси имону амал мегирифтанд ва бо пайравӣ аз равиши онон

[1] “Кофӣ”, ҷ.1, саҳ.472

[2] “Эъломулваро”, саҳ.266

[3] Худдорӣ, парҳез.

мусулмони ростин ва барӯманд мешуданд, ки худ дар ҳар асре намуна ва омӯзгори дигарон буданд.

Инак фарозҳое аз ахлоқу рафтори имоми шашумро меоварем.

**Имом кор мекунад**:

1 – Абдулаъло мегӯяд:

“Рӯзи гарме аз тобистон Имом Содиқ(а)-ро дар роҳе аз роҳҳои Мадина дидам, ки барои коре мерафт. Арз кардам:

> ***- Фидоят шавам бо ин ҳама қурбе, ки назди Худо ва наздикие, ки бо пайғамбар доред, чӣ гуна дар ин ҳавои гарм худро ба заҳмат андохтаед?***

Фармуд:

> ***- “Барои касби рӯзӣ берун омадам, то аз амсоли ту бениёз бошам”.[1]***

2 – Абӯамри Шайбонӣ мегӯяд:

“Имом Содиқ (а)-ро дидам, ки либоси хашине[2] дар тан дошт ва бо бел дар боғ кор мекард ва арақ аз ӯ мерехт.

Гуфтам:

> ***- Фидоятон шавам белро ба ман диҳед, бигузоред ман ба ҷои шумо кор кунам.***

Фармуд:

[1] “Кофӣ”, ҷ.5, саҳ.73, “Биҳоруланвор” ҷ.47, саҳ.55

[2] Дурушт, шахшӯл.



> ***- Дӯст дорам барои маишат ранҷи гармии офтобро таҳаммул кунам”.[1]***

**Тиҷорати одилона**:

3 – Имом Содиқ (а) яке аз ёрони худро, ки Мусодиф ном дошт барои тиҷорат ба Миср фиристод ва ҳазор динор ба ӯ дод. Мусодиф бо он маблағ колое харид ва бо бозаргонони дигар ба сӯи Миср рафт. Наздики мақсад бо корвоне, ки аз Миср бармегашт рӯ ба рӯ шуданд ва аз онҳо вазъияти колои худро, ки аз ниёзмандиҳои умумӣ буд, аз назари бозори Миср пурсиданд. Корвониён гуфтанд: “Колои шумо дар Миср ноёб аст”.

Мусодиф ва дигар бозаргонон, ки ба Миср мерафтанд чун аз ниёзи мардуми Миср огоҳ шуданд, бо худ гуфтанд, ки колои худро бо суди камтар аз сад дар сад надиҳанд ва ҳамин корро ҳам карданд. Натиҷа он шуд, ки Мусодиф ҳазор динор фоида кард.

Ба Мадина баргаштанд ва Мусодиф ду киса, ки ҳар як ҳазор динорӣ дошт ба Имом Содиқ нишон дод ва гуфт:

- Яке аз ин ду асли маблағи аз шумо гирифташуда ва дигаре фоидаи тиҷорат аст.

Имом фармуданд:

[1] “Кофӣ”, ҷ.5, саҳ.72, “Биҳоруланвор” ҷ.47, саҳ.57

- Ин суд зиёд аст чӣ гуна онро ба даст овардӣ?

Мусодиф ҷараёни ноёбии коло ва ҳампаймон шудани бозаргононро шарҳ дод.

Имом фармуд:

- Субҳоналлоҳ, ба зиёни гурӯҳе аз мусулмонон ҳампаймон мешавед, ки колоятонро бо суди камтар аз сад дар сад нафурӯшед?!

Он гоҳ яке аз ду кисаро, ки ба унвони аслии сармоя пардохта буд, бардошт ва дигариро напазируфт ва фармуд: "Ман ба ин суд, ки бо беинсофӣ ба даст омадааст ниёз надорам. Эй Мусодиф! Ба даст овардани мол аз роҳи ҳалол бисёр душвор аст".[1]

**Сармоя барои ҳалли ихтилоф**:

4 – Марде бо яке аз бастагони худ бар сари меросе ихтилоф дошт ва корашон ба даъво ва ҷидол кашида шуд. Муфаззал яке аз ёрони Имом Содиқ(а) аз он ҷо мегузашт ва мутаваҷҷеҳи даргирӣ шуд ва он дуро ба хонаи худ бурд. Муфаззал бо чаҳорсад дирҳам миёни онҳо мусолиҳа барқарор кард ва дирҳамҳоро худаш пардохт кард ва бо ҳамин ихтилоф ҳал шуд. Он гоҳ Муфаззал ба онон гуфт: "Бидонед, пуле, ки барои ҳалли ихтилофатон пардохтам аз они худам набуд ва аз амволи Имом Содиқ(а) буд. Он

[1] "Кофӣ", ҷ.5, саҳ.161, "Биҳоруланвор", ҷ.47, саҳ.59.



ҳазрат ба ман фармон дода аст, ки ҳар ҷо ду тан аз мусулмонон ихтилофу низоъ дошта бошанд, бо моли он бузургвор онҳоро сулҳ намоям".

**Имом ва суфраи шароб**:

5 – Ҳорун ибни Ҷаҳм мегӯяд: "Дар Ҳира[1] будем. Яке аз афсарони артиш ба муносибате гурӯҳе ва аз ҷумла Имом Содиқ(а)-ро ба манзилаш даъват кард. Вақте таом оварданд ва яке аз даъватшудагон об хост, ба ҷои об барояш қадаҳе шароб оварданд. Имом фавран аз ҷой бархост ва фармуд:

- Паёмбари Худо(с) фармуда аст: "Аз раҳмати илоҳӣ дур ва малъун аст касе, ки бар суфрае биншинад, ки дар он шароб менӯшанд".[2]

**Манъи шаробхӯр**:

6 – Ба дастури Мансур сандуқи байтулмолро боз карда буданд ва ба ҳар кас аз он чизе медоданд. Шақронӣ яке аз касоне буд, ки барои дарёфти саҳме аз байтулмол омада буд, вале чун касе ӯро намешинохт, василае пайдо намекард, то саҳме барои худ бигирад. Шақрониро ба эътибори ин, ки яке аз аҷдодаш барда[3] буд ва

[1] Шаҳрест дар наздикии Кӯфа, ки Мансури Давониқӣ Имом Содиқ (а)ро маҷбурӣ ба онҷо оварда буд.
[2] "Кофӣ", ҷ.6, саҳ.267, "Биҳоруланвор", ҷ.47, саҳ.39
[3] Ғулом.

Расули Худо(с) ӯро озод карда буд ва ба таври табиӣ Шақронӣ ҳам озодиро аз ӯ ба ирс мебурд, “Мавлорасулуллоҳ” мегуфтанд, яъне озодшудаи Расули Худо. Ин дар навбати худ ифтихоре барои Шақронӣ ҳисоб мешуд ва аз ин назар худро вобаста ба хонадони рисолат медонист.

Дар ин байн, ки чашмони Шақронӣ нигарони ошно ва василае буд, то саҳме барои худаш аз байтулмол бигирад, Имом Содиқ(а)-ро дид ва назди ҳазрат рафт ва ҳоҷати хешро баён кард. Имом рафт ва тӯле накашид, ки саҳме барои Шақронӣ бо худ гирифта овард. Ҳамин ки онро ба дасти Шақронӣ дод бо лаҳни мулотифатомез ин ҷумларо ба ӯ гуфт: “Кори хуб аз ҳар касе хуб аст, вале аз ту ба воситаи интисобе[1], ки бо мо дорӣ ва туро восита ба хонадони рисолат медонанд, хубтар ва зеботар аст. Кори бад аз ҳар кас бад аст, вале аз ту ба хотири ҳамин интисоб зиштар ва қабеҳтар аст. ”Имом Содиқ ин ҷумларо фармуд ва гузашт.

Шақронӣ бо шунидани ин ҷумла донист, ки имом аз сирри ӯ яъне шаробхӯрии ӯ огоҳ аст ва аз ин ки Имом(а) бо ин ки медонист ӯ шаробхӯр аст, ба ӯ муҳаббат кард ва дар зимни муҳаббат

---

[1] Пайванд, наздикӣ.



ӯро мутаваҷҷеҳи айбаш намуд ва ӯ пеши виҷдони хеш шармсор гашт”.[1]

**Шарти озод кардани банда**:

7- Иброҳим ибни Баллод мегӯяд: санади озодии яке аз ғуломонро, ки Имом Содиқ(а) озод карда буд хондам, чунин навишта буд:

“Ҷаъфар ибни Муҳаммад ин ғуломро барои хушнудӣ ва ризои Худои мутаол озод карда аст. Аз ӯ ҳеҷ сипос ва подоше намехоҳад, ба шарти он ки намоз бихонад, закот бидиҳад, ҳаҷ ба ҷой оварад, моҳи рамазон рӯза бигирад, дӯстони Худоро дӯст бидорад ва аз душманони Худо безорӣ ҷӯяд”. Ин санадро се нафар гувоҳӣ карда буданд.[2]

**Дар баробари фақири худошинос ва шокир**:

8 – Масмаъ ибни Абдулмалик мегӯяд: дар “Мино” назди Имом Содиқ (а) машғули хӯрдани ангур будем. Соиле[3] омад ва аз Имом(а) дархости кӯмак кард. Имом хӯшаи ангуре ба ӯ дод. Ӯ напазируфт ва гуфт:

- Агар пул ҳаст бароям бидиҳед.

Имом фармуд:

---

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.47, саҳ.349
[2] “Кофӣ”, ҷ.6, саҳ.181, “Биҳоруланвор”, ҷ.47, саҳ.44
[3] Гадо, ниёзманд, фақир, мӯҳтоҷ.

- Худо бароят бирасонад.

Соил рафт ва дубора баргашту ҳамон хӯшаи ангурро хост.

Имом фармуд:

- Худо бароят бирасонад ва чизе ба ӯ надод.

Соили дигаре омад. Имом(а) се дона ангур ба ӯ дод. ӯ гирифт ва гуфт:

- Сипос худоеро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст ва маро рӯзӣ ато кард.

Имом ҳарду дастро пур аз ангур кард ва ба ӯ дод. Соил гирифт ва гуфт:

- Сипос худоеро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст.

Имом фамуд:

Биист ва аз ғуломи худ пурсид: Чӣ қадар пул ҳамроҳ дорӣ? Ҳудуди бист дирҳам дошт, онҳоро низ ба соил дод.

Соил гуфт:

Сипос Худойро, Худовандо ин неъмат аз туст, ту яктой ва шарик барои ту нест.

Имом фармуд:

Бимон ва пироҳане, ки дар бар дошт кашид ва ба ӯ дод ва фармуд:

Бипӯш.

Соил пӯшид ва гуфт:

Сипос Худойро, ба ман либос дод ва маро пӯшонд ва ба Имом(а) рӯ кард ва гуфт:

Худо ба ту ҷазои хайр диҳад.

Масмаъ мегӯяд:



- Ба назар меомад, ки агар ин бор ҳам имомро дуо намекард ва фақат ба шукр ва сипоси Худо мепардохт, Имом(а) боз ба ӯ чизе медод ва ҳамчунон идома пайдо мекард.

**Ибодати Имом**:

9 – Молик ибни Анас мегӯяд: Ҷаъфар ибни Муҳаммад ҳамвора ё рӯза медошт ё намоз мехонд ва ё ба зикри Худо машғул буд ва аз бузургони ибодаткунанда ва зоҳид ҳисоб мешуд. Ҳазрат бисёр ҳадис мегуфт, хушмаҷлис ва пурфоида буд. Вақте мегуфт: "Қола Расулуллоҳи (с)" рангаш дигаргун мегашт... Соле дар сафари ҳаҷ бо ӯ ҳамроҳ будам. Ҳангоми мӯҳрим шудан аҳволаш дигаргун шуд, чунон ки наметавонист "лаббайк" бигӯяд ва аз бетобӣ наздик буд аз маркаб фурӯ афтад.

Гуфтам:

- Эй писари Пайғамбар(с), лабайк бигӯ ва ночор бояд бигӯӣ.

Фармуд:

- Чӣ гуна бигӯям "***лабайкаллоҳума лабайка***" дар ҳоле ки бимнокам Худованд дар посухам бифармояд "***ло лабайка ва ло саъдайка***".[1]

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.47, саҳ.16

**Таслим ва ризо дар баробари Худо**:

10 – Қутайба аз ёрони Имом Содиқ(а) мегӯяд: барои аёдат аз фарзанди бемори имом ба манзили Имом Содиқ (а) рафта будам. Имомро дар назди манзил дидор кардам, ки афсурда ва маҳзун буд. Ҳоли кӯдакро ҷӯё шудам, фармуд: “Ба Худо савганд ӯ рафтанӣ аст”. Он гоҳ дохили манзил шуд ва пас аз муддате берун омад дар ҳоле ки андӯҳаш таскин ёфта буд. Ман умедвор ва хушҳол шудам ва гумон кардам бемор беҳтар шудааст. Бори дигар аз ҳоли кӯдак пурсидам, фармуд: “Аз дунё рафт”.

Бо шигифт гуфтам:

- Фидоят шавам, ҳангоме ки зинда буд ғамгин ва афсурда будед ва инак, ки вафот карда аст, андӯҳгин нестед?

Фармуд:

> ***- Мо хонадоне ҳастем, ки пеш аз мусибат изҳори нигаронӣ мекунем, вале чун қазои илоҳӣ вуқӯъ ёбад, розӣ ба ризои Худо ва амри ӯ ҳастем.[1]***

**Ҳилм ва бурдборӣ**:

11 – Ҳафс ибни Абӯоиша мегӯяд: Имом Содиқ (а) хизматгори худро барои анҷоми коре

[1] “Кофӣ”, ҷ.3, саҳ.225, “Биҳоруланвор” ҷ.47, саҳ.49



фиристод. Хизматгор дер кард, Имом(а) худ аз паси вай рафт ва ӯро дид, ки дар гӯшае хобида ва ба хоби взнине фурӯ рафта аст. Имом бар болини ӯ нишаст ва ба мулоиматӣ ӯро шамол дод. Вақте ки бедор шуд Имом(а) фармуд:

- Ба Худо савганд барои ту нест, ки ҳам рӯз ва ҳам шаб бихобӣ. Шаб барои ту ва рӯз барои мо.[1]

**Кӯмак ба ниёзмандон**:

12 – Муалло ибни Хунайс мегӯяд: шаби боронӣ буд. Имом Содиқ (а) ба тарафи Зиллаи Бани Соида[2] мерафт, аз паси ҳазрат шудам. Дар байни роҳ чизе аз маҳмулаи Имом (а) ба замин афтод, гуфт: “Бисмиллоҳ, Худоё он чи ба замин афтод ба мо баргардон”.

Пеш рафтам ва салом кардам.

Фармуд:

- Муалло ту ҳастӣ?

Ҷавоб додам:

- Бале фидоят шавам.

Фармуд:

- Бо даст ҷустуҷӯ кун ҳарчи ёфтӣ ба ман деҳ. Ҷустуҷӯ кардам ва чанд нон ёфта ба имом додам.

[1] “Маноқиб”, ҷ.4, саҳ.274, “Кофӣ”, ҷ.2, саҳ.112

[2] Соябоне, ки фақирон ва бенавоён дар он ҷамъ мешуданд ва истироҳат мекарданд.

Кисае[1] пур аз нон назди ӯ буд, ки бисёр сангин[2] менамуд.

Гуфтам:

- Фидоят шавам иҷозат диҳед ман кисаро биёварам.

Фармуд:

- Не! Ман худ ба ин кор сазовортарам, ту бо ман биё.

Бо Имом (а) ҳамроҳ шудам ва ба Зиллаи Бани Соида расидем. Гурӯҳе аз бенавоён хобида буданд. Имом (а) зери либоси ҳар кадом як ё ду нон гузошт ва ҳеҷ касро бедор накард. Вақте баргаштем арз кардам:

- Фидоят шавам, онҳо аз шиаёни шумо буданд?

Фармуд:

- Агар аз шиаёни мо мебуданд ба онҳо беш аз ин кӯмак мекардем.[3]

13 – Ҳишом ибни Солим мегӯяд:

> ***“Равиши Имом Содиқ (а) ин буд, ки субҳҳо кисаи нон, гӯшт ва пул ба дӯш мекашид ва барои ниёзмандони Мадина мебурд ва миёни онон тақсим мекард ва онон ӯро намешинохтанд. Чун имом вафот кард ва он кӯмак қатъ гардид,***

[1] Халта.

[2] Вазнин

[3] “Кофӣ”, ҷ.4, саҳ.8, “Биҳоруланвор” ҷ.47, саҳ.20



> ***дарёфтанд, ки он бузургвор Имом Содиқ(а) будааст”.[1]***

**Имом Содиқ (а) ва ҳукуматдорон**

Имом (а) дар соли 83-и ҳиҷрӣ дар замони ҳукумати панҷумин халифаи ситамгари Умавӣ Абдулмалик ибни Марвон ба дунё омад. Ӯ дар соли 114 дар замони ҳукумати Ҳишом ибни Абдулмалик, пас аз шаҳодати падари гиромиаш ҳазрати Имом Боқир (а) дар синни 31 -солагӣ ба имомат расид.

Номҳои халифаҳои Умавӣ, ки аз таваллуди Имом(а) то соли 131-и ҳиҷрӣ (соли инқирози Бани Умайя) бо Имом Содиқ (а) муосир буданд, муддати ҳукуматашон ба шарҳи зер аст:

Абдулмалик ибни Марвон: аз соли 65 то 86 ҳукумат кард ва се соли охири ҳукуматаш ҳамзамон бо таваллуд то се солагии Имом Содиқ (а) буд.

Валид ибни Абдулмалик: нӯҳ солу ҳашт моҳ.

Сулаймон ибни Абдулмалик: се солу се моҳ.

Умар ибни Абдулазиз: ду солу панҷ моҳ.

Ҳишом ибни Абдулмалик: бист сол, ки аз ин дувоздаҳ соли он ҳамзамон бо имомати Имом Содиқ (а) буд.

Валид ибни Язид ибни Абдулмалик: як сол.

[1] “Кофӣ”, ҷ.4, саҳ.8, “Биҳоруланвор” ҷ.47 саҳ.38.

Язид ибни Валид: шаш моҳ.

Иброҳим ибни Валид: ду ё чаҳор моҳ.

Марвони Ҳимор: панҷ солу чанд моҳ, ки бо шикасти ӯ аз тарафи Бани Аббос ва кушта шуданаш дар моҳи зиҳиҷҷаи соли 132-и ҳиҷрӣ, давлати Бани Умайя аз байн рафт.[1]

Бегумон ҳукумати Умавиён, ки наздик ба як қарн дар сари қудрат буд аз сиёҳтарин давраҳои таърихи Ислом ба ҳисоб меравад. Ислом ва уммати исломӣ бозичаи ғаразҳои Бани Умайя буданд ва онон ҳеҷ арзише барои мардум қоил набуданд. Тамоми мусулмонон бахусус пайравони хонадони нубувват дар сахтию азоб зиндагӣ мекарданд. Абдулмалик яке аз ҳокимони Умавӣ дар хутбае ба мардум хитоб карда гуфт: ”Ҳар кас маро ба тақво ва парҳезкорӣ даъват кунад, сарашро аз тан ҷудо мекунам!”[2] Валид, фарзанди Абдулмалик пас аз расидан ба ҳукумат дар аввалин суханронии худ гуфт: ”Ҳар кас дар баробари мо саркашӣ кунад ӯро мекушем ва ҳар кас сукут кунад дарди сукут ӯро хоҳад кушт!”[3]

Бани Умайя чунон аз Худо бехабар буданд, ки аз ҳамон оғози пайдоиши Ислом бо дин ва Паёмбар (с) душмании оштинопазире доштанд.

[1] “Ал-имомус-Содиқ”, ҷ.1, саҳ.34-38, бо андаке тафовут, “Татимматулмунтаҳо”, саҳ.56 ва 104.

[2] “Комил”-и Ибни Асир, ҷ.4, саҳ.521-522

[3] “Таърихи Табарӣ”, ҷ.8, саҳ.1178



Ҳодисаҳои баъдӣ ва ҷангҳои Бадру Уҳуд боис шуд, ки Бани Умайя кинаи бетаскин аз Паёмбар(с) ва Амири Мӯъминон ба дил гирифтанд. Онҳо баъдан ҳар вақт фурсате ёфтанд ба кинаҷӯию интиқом даст заданд ва барои нобудии Ислом, душманӣ бо паёмбару хонадони Паёмбар(с) аз ҳеҷ ҳила, найранг ва ҷиноят даст набардоштанд...

Пас аз ба шаҳодат расидани Амири мӯъминон Алӣ(а) дар соли чилуми ҳиҷрат ва ба қудрат расидани Муовия дунёи Ислом амалан ба дасти Бани Умайя гузашт. Онҳо шадидтарин фишорҳоро бар шиаён оғоз карданд ва носазо гуфтан ва лаънат фиристодан ба Алӣ(а) дар сарлавҳаи барномаҳои Бани Умайя буд. Қатли оми Карбало ва шаҳодати сарвари шаҳидон Ҳусайн(а) авҷи ҷиноёти Бани Умайя ба ҳисоб меравад. Пеш аз фоҷиаи Карбало ва баъд аз он низ Бани Умайя бисёре аз бузургони шиа ва алавиёнро ба ҷурми ҷонибдорӣ аз Аҳли Байт(а) куштанд ва бисёри дигарро солҳо дар бадтарин шароит зиндонӣ карданд. Фарзанди имоми чаҳорум Зайнулобидин(а), ки Зайд ном дошт, дар замони Ҳишом ибни Абдулмалик ба шаҳодат расид. Ин ситамгарон пайкари Зайдро пас аз шаҳодат ба дастури Ҳишом ба дор овехтанд ва чанд сол баъд онро поин оварданд ва сӯзонданд...

Ҳодисаи Карбало ва муборизоти манфии имомон(а) пас аз он фоҷиа дар эҷоди танаффуру

бадбинӣ аз ҳукумати Бани Умайя нақши муассире дошт. Шаҳодати Зайд сабаб шуд, ки мардум аз бединӣ, зулму ситам ва худхоҳии Бани Умайя ба ҷон омаданд ва саранҷом дар соли 132-и Ҳиҷрӣ ҳукумати нангини Умавиён аз байн рафт. Бани Аббос бо истифода аз мавқеият ба қиёфаи ҳақҷӯӣ қудратро ба даст гирифтанд.

Имом Содиқ (а) ҳамчун соири имомони гиромӣ дар тамоми муддати зиндагӣ, аз ҷумла солҳое, ки Умавиён ҳукумат мекарданд ошкору пинҳон то ҷое, ки маҳдудиятҳо ва муроқибатҳои Бани Умайя фурсат медод бо ситамгарон мубориза мекард. Ҳазрат масоили шаръиро равшан баён мекард ва ёрони ҳаққу динро ҳидоят мекард ва исломи ростинро арза медошт. Боре дар ҳукумати Ҳишом ибни Абдулмалик Имом Содиқ(а) ҳамроҳи падари гиромиашон дар маросими ҳаҷ ширкат карда буданд. Ӯ дар ҷамъи азиме аз ҳоҷиён хутбае эрод кард ва зимни он дар мавриди раҳбарӣ ва имомати хонадони Пайёмбар(с) фармуд: ”Сипос Худоеро, ки Муҳаммад(с)-ро ба ростӣ фиристод ва моро ба ӯ гиромӣ сохт. Мо баргузидагони Худо дар миёни офаридагон ва ҷонишинони Худо (дар замин)



ҳастем. Растагор касе аст, ки пайрави мо бошад ва шӯрбахт он ки бо мо душманӣ варзад”.[1]

Гуфтори имомро ба Ҳишом гузориш доданд. Ҳишом пас аз маросими ҳаҷ ва бозгашти зоирон ба ҳокими худ дар Мадина дастур дод, ки Имом Боқир ва Имом Содиқ(а)-ро ба Димишқ фиристад ва он ду гиромӣ ба Димишқ рафтанд ва бархӯрдҳоеро бо Ҳишом доштанд...

Аз бузургтарин хидматҳои Имом Боқир ва Имом Содиқ(а) дар он даврони зулму ситам наҳзати илмии он ду гиромӣ мебошад. Онҳо барои эҳё ва ҳифзи маорифи Ислом, парвариши олимон, фуқаҳои мутааҳҳид ва масъуле буд, ки битавонанд дар тамоми нуқоти сарзамини исломӣ дину Қуръонро беинҳироф ва дастбурди дарбори хилофат нашр диҳанд, аҳкоми динро барпо доранд, аз каҷравиҳои ақидатӣ ҷилавгирӣ намоянд ва хатти аслии Исломро посдорӣ кунанд. Ин мубориза аз ҷиҳатҳое душвортар аз гунаҳои дигари муборизот буд. Тавфиқи он ду бузургвор дар ин кор аз муҳимтарин омилҳое аст, ки мебинем бо як қарн ҳукумати сиёҳ ва зиддиисломии Бани Умайя пойгоҳҳои аслии диёнат вайрон нашуд, дар ҳоле ки Умавиён бисёр кӯшиданд, ки уммати исломиро ба ҷоҳилият

---

[1] “Далоилулимомаˮ-и Табарии Шиӣ, саҳ.104-106, чопи дуввум, Наҷаф.

баргардонанд. Ин золимон дар зоҳир барои ин мақсадҳо пешрафтҳое карданд, вале кӯшиши имомони пок, бахусус зарофати амали онон дар тарбияти шогирдон ва огоҳии шинохти исломӣ дар миёни ҷомеа бузургтарин монеаи роҳи Умавиён шуд ва оқибат душманон дар ҳадафи аслии худ, ки нобудии асоси Ислом буд, ноком монданд.

* * *

Саранҷом давлати палиди Умавӣ аз байн рафт ва Бани Аббос ҷои ононро гирифтанд...

Бани Аббос, ки аз хешовандони Аббос ибни Абдулмутталиб амаки Паёмбар(с) буданд, дар оғоз ба дастовези хунхоҳии шаҳидони Карбало ва мубориза бо ситами Умавиён мардумро даври худ ҷамъ карда, ба хусус аз алоқаи эрониён ба Оли Алӣ(а) фоида ҷустанд. Онҳо ба унвони он ки ҳукуматро аз Умавиён бигиранд ва ба касе, ки шоистаи он аст бисупоранд, бо Бани Умайя ба мубориза пардохтанд. Дар охир ба кӯмаки Абӯмуслими Хуросонӣ ва эрониёне, ки гирди ӯ ҷамъ шуда буданд, Бани Умайяро аз миён бардоштанд. Аммо ба ҷои он ки хилофатро ба имоми вақт Ҷаъфар ибни Муҳаммади Содиқ(а) вогузор кунанд, худ умури ҳукуматро ба даст гирифтанд.

Бани Аббос бисёр ба Ислом тазоҳур мекарданд ва ба унвони он ки мо аз Оли Паёмбарем саъй



доштанд худро ворисони ҳақиқии Паёмбар(с) ва шоистагони хилофати исломӣ муаррифӣ кунанд. Онҳо худашон беҳтар аз ҳар кас медонистанд, ки шоистаи ин мақом нестанд ва аз ҳамон оғози ҳукумат чун тоғутиёни гузашта барои ҳифзи салтанати худ тазйиқу фишорро бар Имом Содиқ(а) ва ёрону шиаёнаш шурӯъ карданд. Онҳо ба ҳар тариқа мекӯшиданд ҷомеаро аз хонадони нубувват ва имомат дур бидоранд, то мабодо ҳукумат ва хилофатеро, ки ба номи дудмони паёмбар ва бо тазоҳур ба Ислом ба чанг оварда буданд, аз даст бидиҳанд...

Аз соли 132-и Ҳиҷрӣ, ки Умавиён мунқариз[1] шуданд, то вафоти Имом Содиқ(а) дар соли 148-и ҳиҷрӣ ду халифаи Аббосӣ ба номи Абулаббоси Саффоҳ ва Мансури Давониқӣ ҳукумат карданд. Саффоҳ аввалин халифаи Аббосӣ, чаҳор сол ҳукумат кард ва Мансур, дуюмин халифа - 22 сол, яъне то даҳ сол пас аз шаҳодати Имом Содиқ(а) қудратро дар даст дошт.

Имом Содиқ(а) дар тамоми ин муддат ва бахусус дар ҳукумати Мансур таҳти фишор ва муроқибат буд ва ҳатто гоҳе аз тамоси мардум бо он ҳазрат пешгирӣ мешуд.

Ҳорун ибни Хориҷа мегӯяд: яке аз шиаён мехост дар мавриди дурустии “се талоқ” дар як

[1] Сарнагун, мағлуб.

замон (ба як бор) аз Имом Содиқ(а) суол кунад. Ӯ ба маҳалле, ки Имом(а) дар он ҷо буд рафт, вале халифаи Аббосӣ мулоқот бо он ҳазратро мамнӯъ сохта буд ва дар андеша монд, ки чӣ гуна худро ба имом расонад. Дар ин ҳангом фурӯшандаи кӯчагиеро дид, ки либоси ҷанда бар тан дорад ва бодиринг мефурӯшад. Ин мард назди ӯ рафт ва ҳамаи бодирингҳоро аз ӯ харид ва либоси ӯро низ ба ория гирифта бодирингфурӯшон ба манзили Имом(а) наздик шуд. Хидматгоре аз манзили имом ӯро садо кард, ки бодиринг харад ва ба ин тартиб ба баҳонаи фурӯши бодиринг ба манзили имом ворид шуд. Вақте хидмати Имом Содиқ(а) шарафёб гашт имом фармуд: Ҳилаи хубе ба кор бурдӣ! Масъалаат чист?

- Масъаларо баён кард.

Имом фармуд:

- Он талоқ ботил аст...[1]

Мансури Давониқӣ аз ҳеҷ сахтгирӣ, озор ва ҷинояте нисбат ба имом, пайравони ӯ ва дигар алавиён худдорӣ намекард. Ӯ дақиқан ҳамон рафтори Бани Умайяро пеш гирифта буд. Мансур, Судайр, Абдусалом ибни Абдураҳмон ва бархе дигар аз ёрони имомро ба зиндон афканд. Муалло ибни Хунайсро, ки аз бузургони асҳоби Имом Содиқ(а) ба ҳисоб мерафт ба қатл расонд,

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.47, саҳ.171



Абдулло ибни Ҳасанро, ки аз наберагони ҳазрати имом Ҳасан(а) ва аз алавиёни бузургвор буд ба Ироқ бадарға кард, дар онҷо зиндонӣ кард ва сипас шаҳид сохт....[1]

Аз сӯи дигар ин золими худобехабар кӯшиш мекард ба ҳар роҳ уммати исломӣ ба ӯ гароиш пайдо кунад ва ӯро воқеан халифаи Паёмбар(с), амини шариат ва сояи Худо пиндоранд. Ӯ исрор дошт, ки худро аз аҳли байти Паёмбар(с) қаламдод кунад ва бардурӯғ ҷои имомон ва авсиёи ҳақиқии Расули Худо(с)-ро бигирад. Мансури Давониқӣ хуб медонист, ки мусулмонон ба аҳли байти Паёмбар(с) эътиқоди зиёде доранд ва қаблан ҳам Бани Аббос бо истифода аз ҳамин эътиқоди мардум ва бо шиори дифоъ аз Оли Паёмбар тавониста буданд Бани Умайяро аз миён бардоранд.

Мансур дар яке аз хутбаҳои худ дар рӯзи Арафа гуфт:

> ***"Эй мардум! Танҳо ман аз тарафи Худо дар рӯи замин подшоҳам ва ба тавфиқи ӯ умури шуморо идора мекунам. Ман амонатдори Худо ҳастам, байтулмол дар ихтиёри ман аст, ба хости ӯ амал ва ба иродаи ӯ тақсим мекунам ва ба розигии ӯ ато менамоям.***

[1] "Ҷомеуррувот", ҷ.1, саҳ.250 ва 456, ҷ.2, саҳ.247

***Худованд маро қуфли хазинаҳои худ қарор додааст, ҳар гоҳ бихоҳад маро боз мекунад, то ба шумо ато кунад... !”[1]***

Бори дигар дар хутбае, ки хитоб ба мардуми Хуросон буд, гуфт:

***“Эй мардуми Хуросон! Худо ҳаққи моро зоҳир сохт, мероси мо аз Паёмбар(с) (хилофат)-ро ба мо боз гардонд ва ҳақ дар ҷои худ қарор гирифт. Худо нури худро зоҳир, ёронашро азиз ва ситамгаронро нобуд кард...”.[2]***

Мансур бо ин гуна авомфиребиҳо мехост худро муқаддасу шариф кунад ва чеҳраи воқеии худро, ки дар нопокӣ, куфр ва нифоқ бо Бани Умайя ҳеҷ фарқияте надошт, дар паси ин найрангҳои сохтагӣ махфӣ созад. Ӯ мекӯшид ҳатто бо сахтгирию таҳдид мувофиқати зоҳирии Имом Содиқ(а)-ро ҷалб кунад, то дар баробари мардум ҳаққонияти худро ҷилва диҳад. Имом на танҳо ҳаргиз ӯро таид накард, балки ба ҳар сурат, ки мумкин мешуд бо равшангариҳои худ чеҳраи аслии ӯ ва Бани Аббосро ба мардум ошкор месохт.

Яке аз ёрони Имом(а) аз он ҳазрат пурсид: “Бархе аз мо шиаён аз назари маишат дар

[1] “Таърихулхулафо”, саҳ.263, Ал-имомус-Содиқ” ҷ.5, саҳ.45
[2] “Муруҷуззаҳаб”, ҷ.3, саҳ.301



тангдастию сахтӣ ҳастем ва ба мо пешниҳод мекунанд, ки барои инҳо (Бани Аббос) хона бисозем, наҳр биканем ва аз ин ҳисоб музде бигирем, ин кор аз назари шумо чӣ гуна аст!”

Имом фармуд:

***”Ман дӯст надорам, ки барои онҳо (Бани Аббос) гиреҳе бизанам ё хатте бикашам, ҳар чанд дар баробари он маблағи бисёре бидиҳанд. Зеро касоне, ки ба ситамгарон кӯмак мекунанд, дар қиёмат дар саропардае аз оташанд, то Худо байни бандагон ҳукм кунад”.[1]***

Он гиромӣ дар бораи фуқаҳо низ чунин фармуд: “Фақеҳон аминҳои паёмбаронанд, агар дидед ба салотин рӯй овារданд (бо ситамкорон ҳамдаму ҳамкор шуданд) ба онон бадгумон шавед ва итминон надошта бошед”.[2]

Имом ҳатто дар мукотибот ва мулоқотҳои худ гоҳе рӯирост ба муҳокимаи Мансур мепардохт. Мансур дар номае ба Имом(а) навишт: “Чаро монанди дигарон назди мо намеоӣ?”

Имом дар посух навишт: ”Мо аз дунё чизе надорем, ки барои он аз ту бимнок бошем ва ту низ аз маънавиёт ва охират чизе надорӣ, ки ба хотири он ба ту умедвор гардем. Ту на дар неъмат

[1] “Васоил”, ҷ.12, саҳ.129
[2] “Кашфулғумма”, ҷ.2, саҳ.412

ҳастӣ, ки биёему ба ту табрик гӯем ва на худро дар балоюю мусибат мебинӣ, ки биёему ба ту таслият бидиҳем, пас чаро назди ту биёем?!"

Мансур навишт: "Биёед ва моро насиҳат кунед?"

Имом посух дод:

> ***"Ҳар кас аҳли дунё бошад туро насиҳат намекунад ва ҳар кас аҳли охират бошад назди ту нахоҳад омад".*** [1]

Рӯзе Имом(а) дар маҷлиси Мансур ҳузур дошт. Иттифоқан магасе Мансурро озор медод ва ҳарчи онро дур мекард магас дур намешуд ва боз ба рӯи Мансур менишаст. Мансур бо нороҳатӣ ба Имом(а) гуфт: "Худо чаро магасро офаридааст?!"

Имом бидуни он ки фикр кунад ҷавоб дод: **"*Лийуззила биҳил ҷабобирата*", - *Барои он ки ситамгарони ҷабборро ба воситаи он хору залил созад.*** Мансур аз хиҷолат сурх шуд ва сокит монд.[2]

### Ҷасорати Имом дар баробари фармондори Мадина

Абдулло ибни Сулаймони Тамимӣ мегӯяд: ҳангоме, ки Муҳаммад ва Иброҳим фарзандони Абдулло ибни Ҳасан ибни имом Ҳасан(а)

---

[1] "Кашфулғумма", ҷ.2, саҳ.447, "Биҳоруланвор", ҷ.47, саҳ.184
[2] "Фусулулмуҳимма", саҳ.236



тавассути ҳукумати Аббосӣ шаҳид шуданд, Мансури Давониқӣ яке аз кормандони худ ба номи Шайба ибни Ғаффолро фармондори Мадина интихоб кард. Шайба ба Мадина омад ва рӯзи ҷумъа дар масҷиди Мадина бар минбар хутба хонд ва гуфт: "Ҳамоно Алӣ ибни Абӯтолиб миёни мусулмонон ихтилоф андохт, ба аҳли имон ҷангид, ҳукуматро барои худ мехост ва намегузошт ба соҳибони аслиаш бирасад. Худованд ӯро аз ҳукумат маҳрум сохт ва пас аз ӯ фарзандонаш низ дар фасод пайрави ӯ ва дар талоши мансаб ва ҳукуматанд, ҳоло он ки лаёқати онро надоранд. Ба ҳамин ҷиҳат дар нуқоти мухталифи замин кушта мешаванд ва дар хуни худ оғушта мешаванд!"

Суханони Шайба бар мардум бисёр таъсири манфӣ расонд, вале ҳеҷ касро ёрои он набуд, ки чизе бигӯяд. Дар ин ҳангом марде, ки пироҳани пашмин дар бар дошт аз ҷо бархост ва гуфт:

"Мо Худоро ситоиш мекунем, бар Муҳаммад охирин паёмовари ӯ ва сарвари паёмбарон ва низ бар ҳамаи паёмбарон дуруд мефиристем. Аммо хубиҳое, ки гуфтӣ мо сазовори онем ва он чи аз зиштӣ бар забон рондӣ ту ва Мансур ба он сазовортаред".

Сипас ба мардум рӯ карду гуфт:

"Оё шуморо огоҳ насозам, ки чӣ касе тарозуи аъмолаш дар қиёмат холитар ва аз ҳамагон зиёнкортар аст? Ӯ касе аст, ки охираташро ба

дунёи дигарон бифурӯшад ва ин фармондори фосиқ чунин аст. (ки охираташро ба дунёи Мансур фурӯхтааст)...” Мардум ором шуданд ва фармондор бе он ки чизе ба забон орад аз масҷид берун рафт. Он гоҳ пурсидам ин мард, ки дар баробари фармондор чунин далерона ва кӯбанда сухан гуфт, кист? Гуфтанд: Имом Ҷаъфар ибни Муҳаммади Содиқ аст.[1]

**Имом Содиқ ва Зайд ибни Алӣ (а)**

Зайд фарзанди имоми чаҳорум Зайнулобидин мебошад. Вай аз шахсиятҳои барҷастаи илоҳӣ, аз чеҳраҳои ростини илму тақво ва фазилати шиа аст.

Зайд дар авҷи ҳукумати Умавиён мардона қиём кард, бошуҷоат ҷангид ва бошарофат шаҳид шуд. Зиндагии саросар нуру тақвои Зайд ва саранҷом қиёму шаҳодати таърихсози ӯ далолати парварише аст, ки он бузургвор дар хонадони имомат аз падару бародар ёфта буд.

Донишмандони Ислом бар бузургворӣ, тақво, илм ва фазилати Зайд иттифоқи назар доранд. Имомони бузургвори мо дар бисёре аз ҷойҳо фазилату бузургвории Зайдро ситоиш намудаанд. Ривоёти фазилати Зайд ба ҳадде аст, ки Шайх Садуқ раҳматуллоҳи алайҳ дар китоби

[1] “Амолӣ”-и шайх Тӯсӣ, саҳ.31, “Биҳоруланвор”, ҷ.47 саҳ.165



“Уюну ахбор-ир-Ризо” як бобро ба ин ривоёт ихтисос додааст.[1]

Шайх Муфид мегӯяд:

> ***“Пас аз Имом Боқир (а) Зайд аз соири фарзандони имоми чаҳорум бартар ва бузургвортар аст. Ӯ парҳезкор, зоҳид, фақеҳ, бахшанда ва шуҷоъ буд, амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар мекард”.***[2]

Абӯҷоруд мегӯяд, ки ҳар вақт ба Мадина меомадам суроғи Зайдро мекардам, мегуфтанд, ки бо Қуръон ҳамдам аст.[3]

Ҳишом мегӯяд: “Холид ибни Сафвон аз Зайд сухан мегуфт, пурсидам ӯро дар куҷо дидаӣ? Гуфт:

- Дар яке аз деҳаҳои Кӯфа.

Гуфтам:

- Чӣ гуна буд?

Гуфт:

- Он чи ман дарёфтам ин аст, ки аз хавфи Худо бисёр мегирист”.[4]

Шайх Муфид мефармояд:

> ***“Гурӯҳе аз шиа – Зайдия – боварӣ доранд, ки Зайд пас аз падари бузургвораш имом буд. Сабаби ин***

[1] “Уюну ахборир Ризо”, ҷ.1, саҳ. 247
[2] “Иршод”-и Муфид, саҳ.251
[3] “Иршод”-и Муфид, саҳ.251
[4] “Иршод”-и Муфид, саҳ.251

***эътиқод он буд, ки Зайд қиём бо шамшер (мусаллаҳона) кард ва мардумро ба Оли Муҳаммад(с) даъват менамуд. Мардум гумон карданд, ки Зайд ин даъватро барои имоматии худ дар назар дорад, дар ҳоле ки ин тавр набуд. Зайд ба хубӣ медонист, ки пас аз падар бародараш ҳазрати Боқир имом аст ва Имом Боқир низ ҳангоми вафот, писараш ҳазрати Содиқ (а)ро барои имомат таъин ва муаррифӣ кард".***[1]

**Қиёми Зайд**

Зайд барои шикоят аз Холид ибни Абдулмалик, ки фармондори Мадина буд ба Шом назди Ҳишом ибни Абдулмалики Умавӣ рафт. Ҳишом барои он, ки Зайдро таҳқир кунад ӯро ба ҳузур намепазируфт. Зайд эътироз ва додхоҳии худро тавассути номарасони Ҳишом фиристод. Ҳишом ба нома эътино накард ва дар ҷавоби номаи ӯ навишт, ки ба маҳалли худ баргард. Зайд гуфт: "Ба Худо савганд барнамегардам...". Ӯ муддате дар Шом боқӣ монд, то Ҳишом ба ӯ вақти мулоқот дод. Қабл аз мулоқот Ҳишом ба гурӯҳе амр карда буд, ки

[1] "Иршод"-и Муфид, саҳ.251



ҳангоми вуруди Зайд даври ӯро бигиранд, то Зайд натавонад ба Ҳишом наздик шавад.

Зайд вориди маҷлис шуд ва якбора оғози сухан кард. Вай ба Ҳишом хитоб карда чунин гуфт: "Дар миёни бандагони Худо ҳеҷ кас нест, ки бартар аз он бошад, ки ба тақво супориш шавад ва ҳеҷ кас нест, ки пасттар аз он бошад, ки ба тақво супориш кунад. Ман туро ба тақво тавсия мекунам, аз Худо битарс ва парҳезкор бош!".

Ҳишом бо лаҳни дашномомез гуфт:

- Ту худро сазовори хилофат медонӣ ва ба он умедворӣ, дар ҳоле ки лаёқати онро надорӣ ва канизזодае беш нестӣ.

Зайд посух дод:

- Ҳеҷ мақоме аз паёмбарӣ бартар нест ва бархе аз паёмбарон монанди Исмоил, фарзанди Иброҳим каниззода буданд. Агар каниззодагӣ нуқсе буд, ҳаргиз Исмоил ба паёмбарӣ мабъус намешуд. Оё нубувват арҷмандтар аст ё хилофат? Изофа бар ин касе, ки падаронаш Расули Худо (с) ва Алӣ ибни Абӯтолиб(а) бошанд, каниз будани модараш чӣ нуқсоне барои ӯ ба ҳисоб меравад?!"

Ҳишом бо шунидани ин посух аз ҷой хашмгин бархост ва фармон дод, ки Зайдро берун кунанд. Зайд ҳангоми рафтан гуфт: "**Лам якраҳ қавмун қатту ҳаррас суюфи илло заллу**, - ***Онон, ки сӯзиши шамшерро макрӯҳ доранд ва аз он биҳаросанд залилу хор мешаванд..."***. Ин сухани Зайдро ба Ҳишом расонданд ва ӯ дарёфт, ки Зайд

зидди Умавиён қиём хоҳад кард. Ӯ ба дарбориёни худ гуфт:

- Шумо гумон мекардед, ки ин хонадон (хонадони Амири мӯъминон Алӣ (а)) нобуд шудааст, ба ҷони худам савганд хонадоне, ки чун Зайдро дорад, нобуд нашудааст!

Зайд аз Шом ба Кӯфа омад ва шиаён гирди ӯ ҷамъ шуданд ва бо ӯ байъат карданд. Танҳо аз Кӯфа понздаҳ ҳазор нафар ба Зайд дасти байъат доданд ва аз Мадоин, Басра, Восит, Хуросон, Рай, Мусил ва шаҳрҳои дигар низ бисёре ба онон пайвастанд. Зайд қиём кард ва ҷанг оғоз шуд. Тарафдорони Зайд сустӣ карданд ва бисёре аз онон ноҷавонмардона байъатро зери по гузошта, аз ёрии Зайд даст кашиданд. Зайд дар чанд саҳна мардона набард кард ва бо он ки ёрони андаке барояш боқӣ монда буд, мардонавор меҷангид. Саранҷом тире бар пешонии Зайд фурӯд омад ва чанд рӯз баъд аз олам чашм пӯшид. Дуруди Худо ва фариштагон бар ӯ бод. Шаҳодати Зайд дар моҳи сафари соли 120 ё 121-и ҳиҷрӣ воқеъ шуд.

Ҷасади Зайдро бархе аз дӯстдорони ӯ шабона дар наҳре дафн карданд ва бар он об сар доданд. Душманон ҷои дафншудаи ӯро пайдо карданд ва разилона тани он шаҳидро аз хок берун оварданд. Ин бадбахтон сари муқаддаси ӯро аз бадан ҷудо карда ба Шом назди Ҳишом фиристоданд. Бадани муборакашро ба фармони Ҳишом бараҳна дар Кӯфа ба дор овехтанд. Чанд



сол пайкари ӯ чун парчами шаҳодат бар дор овезон буд. Бо фармони Ҳишом бадани Зайдро аз дор поин оварданд, сӯзонданд ва хокистарашро бар бод доданд... .[1]

Оре, ситамгарон аз пайкари беҷони Зайд ваҳшат доштанд.

Хабари шаҳодати Зайд Имом Содиқ(а)-ро сахт андӯҳгин сохт ва осори ҳузну мусибат дар симои он ҳазрат ошкор шуд... Имом ҳазор динор ба Абӯхолиди Воситӣ дод, то дар миёни бозмондагони афроде, ки дар рикоби Зайд шаҳид шуда буданд, тақсим кунад.[2]

Фузайли Расон мегӯяд: пас аз шаҳодати Зайд хидмати Имом(а) шарафёб шудам ва ҳангоме ки аз Зайд сухан ба миён омад, имом фармуд: "Худо ӯро раҳмат кунад, мӯъмин, ориф, (мӯътақид ба имомати мо) донишманд ва ростгӯ буд. Агар пирӯз мешуд, вафо мекард ва медонист хилофатро ба чӣ касе вогузор кунад". (Яъне барои имомат ва хилофати Имом Содиқ(а) мубориза мекард ва агар пирӯз мешуд имом ва халифаи воқеиро ба мардум муаррифӣ мекард.)

Аз суханони Имом (а) комилан ошкор аст, ки қиёми Зайд барои он буд, ки ҳукуматро аз хулафои ситамгари Умавӣ бигирад ва ба Имом(а)

---

[1] "Иршод"-и Муфид, саҳ.252, "Мунтаҳаломол", ҷ.2, саҳ.34
[2] "Иршод"-и Муфид, саҳ.252

супорад. Зайд ба имомати Имом Боқир ва Имом Содиқ (а) комилан эътиқод дошт.

Пешвои ҳаштум Имом Ризо (а) ба Маъмун фармуд: "Зайд аз уламои Оли Муҳаммад(с) буд, барои Худо хашмгин шуд ва бо душманони Худо мубориза бурд, то дар роҳи Худо ба шаҳодат расид. Падарам Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) аз падараш Ҷаъфар ибни Муҳаммад(а) барои ман нақл кард, ки мегуфт: Худо амакам Зайдро раҳмат кунад, ки мардумро ба имомати Оли Муҳаммад(с) даъват мекард. Агар ба ӯ пирӯзӣ даст медод, ба он чи мардумро ба он даъват карда буд, вафо мекард (яъне ҳукуматро ба имом вогузор мекард). Вақте Зайд барои қиём бо ман машварат кард, ба ӯ гуфтам: Эй амак, агар розӣ ҳастӣ кушта ва ба дор овехта шавӣ, қиём кун".

Маъмун пурсид:

- Оё ӯ даъвои имомат надошт?

Имом фармуд:

- Не! Ӯ мардумро ба имомати Оли Муҳаммад(с) даъват мекард".[1]

Шайх Садуқ нақл мекунад: Зайд ибни Алӣ(а) фармуд: "Дар ҳар замон як тан аз Оли Муҳаммад(с) имом ва ҳуҷҷати Худо хоҳад буд. Дар ин замон ҳуҷҷати Худо писари бародарам Ҷаъфар ибни Муҳаммад аст, ки ҳар кас аз ӯ

[1] "Уюну ахборир Ризо", ҷ.1, саҳ.249



пайравӣ кунад, гумроҳ намешавад ва ҳар кас бо ӯ мухолифат варзад, ҳидоят намеёбад".[1]

## Мунозироти Имом Содиқ (а)

Имом Содиқ(а) дар солҳои охири ҳукумати Умавиён ва аввалҳои ҳукумати Аббосиён, бо истифода аз даргирии Бани Умайя ва Бани Аббос ва машғулияти онон ба масоили худ, наҳзати илмӣ – мазҳабии худро густариш дод. Шаҳри Мадина амалан ҳавзаи дарсӣ шуд, ки дар он ҳазорон пажӯҳандаи муштоқ дар риштаҳои гуногун аз маҳзари он имоми гиромӣ баҳра мегирифтанд. Шӯҳрати илмии имом дар кишварҳои исломӣ чунон чашмгир ва забонзади хурду калон буд, ки аз нуқоти бисёр дури сарзаминҳои исломӣ ба Мадина ба ҳавзаи дарсии ӯ меомаданд ва аз дарёи бекарони улуми илоҳии ӯ баҳравар мешуданд. Бисёре аз мутафаккирони ғайриисломӣ низ барои музокираи илмӣ бо Имом(а) ба хидматаш шарафёб мешуданд. Шарҳи посухҳо ва мунозираҳои имом бо фирқаҳои гуногун ва соҳибони ақидаҳои мухталиф аз ҷолибтарин саҳифаҳои таърихи илмии садаҳои аввали Ислом аст.

Ба назар чунин мерасад, ки посухҳои имом бештар ба муносибати замон ва мавқеият ва бо

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.47, саҳ.19 ба нақл аз "Амолӣ"-и Садуқ

таваҷҷӯҳ ба тарзи фикру мизони дарки саволкунанда будааст. Ба ҳамин ҷиҳат бархе аз посухҳо фақат бурҳони ҷадалкунандаро ботил ва заъфи гуфтори ӯро равшан месозад ва бархе низ барои барангехтани андешамандӣ ва тафаккур дар пурсанда аст. Албатта дар бисёре аз мавридҳо посухҳо комилан илмӣ ва фалсафӣ аст...

Гирдоварии ҳамаи посухҳо ва мунозираҳои Имом (а) ба китоби ҷудогонае ниёз дорад ва мо дар зер барои намуна чанд фарози кӯтоҳ аз посухҳои имомро, ки соддатар ва фаҳмаш барои ҷавонон осонтар аст, зикр мекунем, сипас ба муаррифии рисолае, ки Имом Содиқ (а) дар "Тавҳид" барои Муфаззал фармудааст, мепардозем:

1- Абӯмансур мегӯяд яке аз дӯстонам бароям нақл кард, ки бо ибни Абулъавҷо ва Абдулло ибни Муқаффаъ (ҳарду аз даҳримазҳабони[1] он замон буданд) дар Макка дар Масҷидулҳаром нишаста будем. Ибни Муқаффаъ гуфт: ин мардумро мебинед?- ва ба сӯи ҷое, ки ҳоҷиён тавоф мекарданд ишора кард, - ҳеҷ нафаре аз онон шоистаи номи инсон нестанд, магар он марди бузург, ки нишастааст (яъне Имом Содиқ (а)). Аммо дигарон ҳамагӣ сифла ва ҳайвонанд!”.

[1] Материалист, моддигаро.



Ибни Абулъавҷо гуфт:

- Чаро аз ин ҳама фақат он мардро инсон медонӣ?!

- Зеро дар ӯ чизҳои аз дониш, фазл ва бузургӣ дидаам, ки дар ғайри ӯ наёфтам. Бояд даъвои туро дар бораи ӯ аз худи ӯ ҷӯё шавам ва худам дарёбам.

- Аз ин кор сарфи назар кун. Ман аз он метарсам, ки агар бо ӯ сухан бигӯӣ он чи дар даст дорӣ табоҳ созад (яъне туро аз ақидаат, ки ба Худо ва дин қоил нестӣ баргардонад).

- Назари ту ин нест, балки мехоҳӣ ман ӯро набинам, то он чи дар бораи ӯ нодуруст гуфтӣ ошкор нашавад ва дурӯғгӯии ту собит нашавад.

- Акнун, ки дар бораи ман чунин фикр мекунӣ назди ӯ рав ва ҳарчи метавонӣ диққат кун, то лағжише надошта бошӣ ва зимоми ихтиёрро аз даст надеҳ, ки дастбаста таслим хоҳӣ шуд. Агар хостӣ чизеро бигӯӣ ҳисоб кун, ки кадом ба фоидаи ту ва кадом ба зарари туст ва онҳоро нишона ва аломатгузорӣ кун (то дар мавқеи гуфтугӯ ҳайрон нашавӣ ва иштибоҳ накунӣ).

Ибни Абулъавҷо барои дидани имом рафт ва ману ибни Муқаффаъ дар ҷои худ мондем. Вақте ӯ бозгашт гуфт: ”Эй писари Муқаффаъ! Вой бар ту, ту гуфтӣ ӯ инсоне аст, аммо ман дидам, ки ӯ аз ҷинси башар нест! Агар дар ҷаҳон як тан бошад, ки ҳар гоҳ хоҳад рӯҳи маҳз аст ва ҳар гоҳ хоҳад дар бадани ҷисмонӣ дида мешавад, танҳо ӯст!!”

Ибни Муқаффаъ пурсид:

- Магар чӣ шудааст?

Гуфт:

- Ба хидмати ӯ рафтам ва наздаш нишастам. Вақте дигарон рафтанд ва ману ӯ танҳо мондем сухан оғоз кард ва фармуд: ”Агар матлаб – дину имон – чунон бошад, ки онҳо мегӯянд (ишора ба мусулмононе, ки тавоф мекарданд) ва мусалламан ҳам чунон аст, ки онон мегӯянд (яъне Худо, дин ва охират барҳақ аст). Дар ин сурат онон ба роҳи саломат рафтаанд ва шумо аз саодат дур мондаед ва дар ҳалокат хоҳед буд. Агар матлаб чунон бошад, ки шумо мегӯед, (яъне Худое ва охирате даркор набошад) қатъан чунон нест, ки шумо мегӯед, дар ин сурат шумо бо мусулмонон баробар ҳастед. (яъне мусулмонон, ки ба дин мӯътақиданд ба хатаре наафтодаанд, чаро ки агар фарз кунем Худо ва охирате ҳам набошад ва чунон, ки шумо даҳримазҳабон мепиндоред бо марг ҳамаи чиз поён пазирад ва ҳисобу китобе даркор набошад, боз мусулмонон зиёне надидаанд ва оқибаташон мисли шумо хоҳад буд).

Гуфтам:

Худо туро раҳмат кунад, магар мо чӣ мегӯем ва онон чӣ мегӯянд. Эътиқоди мо бо онон тафовуте надорад ва якест!

Фармуд:



Чӣ гуна сухани ту ва онон яке аст? Дар ҳоле ки онон ба маод ва подоши охират, кайфари илоҳӣ, ба Худои осмон мӯътақиданд ва осмонро ба вуҷуди Худо обод медонанд. Дар ҳоле ки шумо осмонро вайронае мепиндоред, ки касе дар он нест!

Ман ин фурсатро, ки имом сухан аз Худо ба миён овард барои баёни ақоиди худ ғанимат шуморидам ва гуфтам:

- Агар чунон аст, ки онон мегӯянд, пас чаро Худо худро бар офаридагони хеш ошкор намесозад ва ҳамаи ононро ба парастиши худ даъват намекунад, то ду нафар аз халоиқ бо ҳам ихтилоф надошта бошанд. Чаро худро аз эшон пинҳон медорад ва паёмбаронро мефиристад? Агар худаш меомад, барои имон овардани мардум таъсирноктар буд!

Фармуд: “Вой бар ту, чӣ гуна касе, ки қудраташро дар вуҷуди худат ба ту нишон дода аст, бар ту пӯшида мондааст? Офариданат дар ҳоле ки қаблан набудӣ, бузург шуданат баъд аз кӯдакият, тавону нерӯят баъд аз нотавоният, боз нотавоният баъд аз тавоноият, беморият баъд аз саломатият, боз саломатият баъд аз бемориият, хушнудият баъд аз хашмат ва хашмат баъд аз хушнудият, андӯҳат баъд аз сурурат ва сурурат баъд аз андӯҳат, дӯстият баъд аз душманият ва душманият баъд аз дӯстият, пойдорият баъд аз тааннию сустият ва тааннию сустият баъд аз азму

пойдорият, хостанат баъд аз безорият ва безорият баъд аз хостанат, тамоюлу рағбатат баъд аз бемайлият ва бемайлият баъд аз тамоюлу рағбатат, умедат баъд аз ноумедият ва ноумедият баъд аз умедат, огоҳ шудан ва ба зеҳн оварданат чизеро, ки дар зеҳнат набуд ва раҳо кардану фаромӯш сохтанат чизеро, ки дар зеҳн доштӣ...”.

Ҳамчунин осори қудрат ва хилқати Худоро, ки дар вуҷуди ман аст ва наметавонам инкор кунам пайваста бар ман мешумурд. Ман дар ҳақиқат гумон кардам, ки ҳамакнун Худо миёни ману ӯ ошкор мегардад.[1]

2- Абдуллоҳи Дайсонӣ, ки ба Худо эътиқод надошт ба хонаи Имом Содиқ (а) рафт ва иҷозат хост, то ба хона ворид шавад. Ӯ дохили хона шуд ва дар ҳузури Имом(а) нишаст ва арз кард:

- Эй Ҷаъфар ибни Муҳаммад! Маро ба маъбудам далолат кун.

Имом фармуд:

- Номат чист?

Дайсонӣ ҳеҷ нагуфт ва бархосту берун рафт. Вақте дӯстонаш аз ҷараён огоҳ шуданд, гуфтанд:

Чаро номи худро нагуфтӣ?

Гуфт:

- Агар мегуфтам, ки номам Абдулло аст, бешак мегуфт ин кист, ки ту абд ва бандаи ӯ ҳастӣ?

---

[1] “Усули Кофӣ”, ҷ.1, саҳ.74, ҳадиси 2 аз китоби "Тавҳид".



Гуфтанд:

- Баргард ва аз ӯ талаб кун, ки туро ба Худо далолат кунад ва аз номат напурсад.

Дайсонӣ баргашт ва ба имом арз кард:

- Маро ба маъбудам далолат кун ва аз номам низ мапурс!

Имом фармуд:

- Бинишин!

Фарзанди хурди имом тухми мурғе дар даст дошт ва бо он бозӣ мекард. Имом тухми мурғро аз ӯ гирифт ва фармуд:

- Эй Дайсонӣ! Ин қалъаи сарбастае аст, ки пӯсти маҳкаме дорад. Дар зери пӯсти маҳкам боз пӯстаи нозуке аст, даруни пӯстаи нозук тиллои маҳлул ва нуқраи обшуда аст, ки ҳеҷ як бо дигаре омехта намешавад. Дар ҳамин ҳолат боқӣ аст ва на чизе, ки саломатбахш аст аз дарунаш берун меояд, ки хабар аз саломатиаш бидиҳад. Инчунин чизе, ки фосидкунандаи он бошад ба дарунаш роҳ надорад, ки моро аз фасоди дарунаш огоҳ созад ва ҳеҷ маълум нест, ки барои офариниши ҷинси нар аст ё мода. Дар ин ҳолат ин қалъаи маҳкам ва сарпӯшида шикофта мешавад ва рангҳои товусӣ аз он берун меояд. Оё барои он (бо ин ҳама шигифтӣ) ҳеҷ мудаббир ва холиқе қоил нестӣ?

Дайсонӣ ба фикр фурӯ рафт ва муддате сокит монд. Ӯ баъд аз лаҳзае саранҷом сар бардошт ва гуфт: “Гувоҳӣ медиҳам, ки худое ҷуз Аллоҳ нест, ӯ

яктост ва шарике надорад ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи ӯст. Гувоҳӣ медиҳам, ки шумо имом ва ҳуҷҷат бар халоиқ ҳастед ва ман аз гузаштаи хеш пушаймон ва тавбакун ҳастам".[1]

3- Ҳишом мегӯяд: Зиндиқе аз Имом Содиқ (а) зимни суолоти худ пурсид: "Худо чист?"

Имом фармуд: "Ӯ чизе аст бар хилофи ҳамаи чизҳо. Манзурам аз ин калом исботи маънои ин сухан аст, ки ӯ чизе аст ба ҳақиқати чизе ва чизе будан (ҳақиқатан чизе аст, вуҷуд дорад) ҷуз он ки на ҷисме дораду на шакле, на дарёфт мешаваду на ламс мегардад, на бо ҳавоси панҷгона дарк мешаваду на хаёлу авҳом ӯро дарк мекунад, на ҳалокату нобудӣ дар ӯ роҳ дорад, ки нуқсоне дар ӯ бавуҷуд оварад ва на гузашти замон дар ӯ тағире пайдо мекунад.

- Оё мегӯӣ, ки ӯ шунаво ва биност?

- Ӯ шунаво ва биност; шунаво бидуни узве барои шунидан. Бино бидуни василае ҷиҳати дидан, балки ӯ ба нафси хеш мешунавад ва ба нафси хеш мебинад. Сухани ман чунин нест, ки вақте мегӯям "ба нафси худ мебинад ва ба нафси худ мешунавад" чунон бошад, ки ӯ чизе аст ва нафси ӯ чизи дигаре, балки ин ибораро барои фаҳмидан ва тафоҳум ба кор мебаранд. Аз ҳамин

[1] "Усули Кофӣ", ҷ.1, саҳ.79, ҳадиси 4 аз китоби "Тавҳид".



сабаб мегӯям, ки ӯ бо "тамоми вуҷуди худ" шунавост на ба ин маъно, ки вақте мегӯям "тамоми ӯ", яъне вуҷуди ӯ қисм ва ҷузъ дошта бошад. Вале ман мехоҳам матлабро ба ту фаҳмонам ва манзурам ҷуз ин нест, ки ӯ шунаво, бино, доно ва огоҳ аст, бидуни ҳеҷ ихтилофе дар зот ва бидуни ҳеҷ ихтилофе дар маъно.

- Пас ӯ чист?

- Ӯ Рабб ва маъбуд аст, ӯ Аллоҳ аст. Муроди ман боз аз раб ва аллоҳ ҳуруфи ин калимот "р а б" ва "а *л л* о ҳ" нест, балки манзури ман он маъно ва вуҷуде аст, ки холиқи ҳамаи ашё ва созандаи онҳост. Манзурам аз ба кор бурдани ин ҳуруф ҳамон маъност, ки ба "Аллоҳ", "Раҳмон", "Раҳим", "Азиз" ва номҳои дигар номида мешавад. Ӯ Худои маъбуд аст, ки азизу ҷалил мебошад.

- Вале мо ҳеҷ чизе, ки ба фикр ояд намеёбем, магар он ки махлуқ аст!

- Агар чунин бошад таклифи тавҳид аз мо бардошта мешавад, зеро дар мавриди чизе, ки аслан ба фикр наояд таклифе надорем. Вале мо мегӯем, ки ҳарчи аз тариқи ҳавос ба фикри мо роҳ ёбад ва маҳдуд ба ҳавос гардад ва шакле дар ҳавоси мо дошта бошад, ки битавон ҳаммонанде барои он тасаввур намуд, он махлуқ аст. Бинобар ин дар исботи холиқи ашё бояд Худоро аз ду ҷиҳати носазовори ӯ берун донем: яке "нафй", ки нафйи ӯ сабаби ибтол ва инкори ӯст ва дигаре

“ташбеҳ “ аст, ки шабоҳат доштан аз сифоти махлуқот аст, ки ошкор аст аз ҷузъҳо таркиб ва таълиф ёфтаанд. Пас аз исботи Сонеъ ва Худои мутаол ногузирем ба хотири он ки махлуқот ниёзманди ӯ ҳастанд ва ҳама маснуанду сонеи онон ғайр аз худашон аст, бигӯем, ки Офаридгор мисли онон нест, чун ки мисли эшон шабеҳ ба эшон хоҳад буд. Дар таркиб ва таълифе, ки дар онон ошкор аст шабеҳ ба эшон хоҳад буд, дар ин ки қаблан набуданд ва баъдан ба вуҷуд омаданд. Инҳо аз хурдӣ ба бузургӣ, аз сиёҳӣ ба сафедӣ, аз нерумандӣ ба тавоноӣ мунтақил мешаванд ва дар ҳолатҳои дигаре, ки дар махлуқот мавҷуд аст, ҳоҷате нест мо онро бештар баён кунем.

- Вақте Худоро исбот кунӣ дарвоқеъ барои ӯ ҳадду ҳудуд қоил шудаӣ!

- Не, ҳаргиз барои ӯ ҳадде қоил нашудаам, балки фақат будани ӯро исбот мекунам ва байни инкору исбот ҳеҷ мартабае нест.

- Оё ӯ ҳастӣ дорад?

- Оре, ҳеҷ чизе ҷуз ба ҳастӣ, ки дорад, исбот намешавад.

- Оё ӯ кайфият ва чигунагӣ ҳам дорад?

- Не, зеро кайфият ва чигунагӣ аз ҷиҳати сифат аст ва ба воситаи иҳота бар чизе метавон кайфият ва чигунагии ӯро баён кард. Дар исботи Худои мутаол бояд аз ду ҷиҳат, “таътил” (инкор кардан ва ҳеҷ шумурдани ӯ) ва “ташбеҳ” (ӯро чун дигар ашё пиндоштан) берун рафт. Сабабаш ин аст, ки



ҳар кас Худоро нафӣ кунад, инкори ӯ кардааст ва парвардигории ӯро канор гузошта бар бутлони ӯ қоил шуда аст. Ҳар кас ӯро ташбеҳ ба ғайри ӯ намояд, ӯро ба сифати махлуқот ва маснуот, ки сазовори парвардигорӣ ва худоӣ нестанд, исбот кардааст. Пас бояд гуфт, ки барои ӯ кайфияте аст, ки ҷуз ӯ сазовори он нест ва ғайри ӯ дар он ширкат надоранд. Ҳеҷ кас бар он иҳота надорад ва ҳеҷ кас ҷуз ӯ намедонад, ки чӣ гуна аст.

- Оё ӯ ба вуҷуди худ бо ашё мубошират дорад ва кореро анҷом медиҳад?

- Ӯ бартар аз он аст, ки ба вуҷуди худ бо ашё мубошират дошта, коре анҷом диҳад. Сифати махлуқ аст, ки бо вуҷуди худ ба ашё тамос ва мубошират доранд (корҳояшон бо бадан ва аъзо анҷом мешавад) ва Худои мутаол ирода ва хосташ фарогир дар ҳамаи чиз аст ва ҳарчи хоҳад (бо ирода) анҷом медиҳад.[1]

### Рисолаи «Тавҳиди Муфаззал»

“Тавҳиди Муфаззал” дорои матолиби судманд дар мавриди хилқати инсон ва ҷаҳон, исботи вуҷуди Худои мутаол, илм, қудрат ва ҳикмати ӯст, ки Имом Ҷаъфари Содиқ (а) дар чаҳор ҷаласа (дарс) барои Муфаззал баён фармуданд.

---

[1] “Усули кофӣ”, ҷ.1, саҳ.83

Муфаззал бо розигии имом ҳамаи ин гуфтаҳоро менавишт.

Ин рисолаи арзишманд тавассути аллома Маҷлисӣ ва бархе дигар аз дошнишмандон тарҷума ва чоп шудааст, ки барои ҳамагон муфиду судманд ва мутолиаи он барои ҳамаи алоқамандон ба масоили тавҳид ва мутафакирон дар оёти азамати илоҳӣ лозим аст.

Саид ибни Товус дар "Кашфулмуҳаҷҷа" ба фарзанди худ тавсия мекунад, ки ин рисоларо мутолиа намояд. Эшон дар ҷои дигар низ мефармояд: "Касе, ки ба сафар меравад яке аз китобҳое, ки бояд ҳамроҳи худ дошта бошад, рисолаи "Тавҳиди Муфаззал" бошад".

Инак ба тариқи ихтисор ба муаррифии ин рисола мепардозем ва барои табаррук тарҷумаи фарозҳое аз онро зикр мекунем.

Худи Муфаззал дар муқаддимаи рисола мегӯяд:

"Рӯзе ҳангоми ғурӯби офтоб дар Масҷиди Паёмбар(с) нишаста будам ва дар азамати Паёмбар(с) ва он чи Худованд ба он бузургвор аз шарафу фазилат ато кардааст, меандешидам... Ногаҳон Ибни Абулъавҷо, ки яке аз ломазҳабони[1] он замон буд, даромад ва дар ҷое нишаст, ки ман сухани ӯро ба роҳатӣ мешунидам.

[1] Бемазҳаб, моддигаро, атеист.



Вақте дар ҷояш қарор гирифт, марде аз дӯстонаш дар наздикии ӯ нишаст. Ибни Абулъавҷо ва дӯсташ ба тартиб дар бораи Паёмбар(с) матолибе баён доштанд.

Пас аз ин гуфтугӯ сухан аз Офаридгори ҷаҳон ба миён оварданд ва каломро ба он ҷо расонданд, ки ҷаҳонро холиқе ва мудаббире нест. Ҳамаи чиз бидуни холиқу мудаббир аз табиат ба вуҷуд меоянд ва пайваста чунин буда ва чунин хоҳад буд!

Вақте ин суханонро аз он дурмонда аз раҳмати ҳақ шунидам, аз шиддати хашм худдорӣ карда натавонистам ва гуфтам: "Эй душмани Худо, зиндиқ ва бедин шудӣ ва Парвардигоре, ки туро ба беҳтарин таркиб ва сурате офарида ва туро аз ҳолоти гуногуне гузаронда то ба ин ҳаддат расондааст инкор кардӣ. Агар дар худ андеша кунӣ ва ба ҳиссу дарёфти худ руҷӯъ намоӣ, бегумон далелҳои Парвардигор ва осори офариниши Худои мутаол дар ту мустақар, шавоҳиди вуҷуди Худо, қудрати ӯ, бурҳони илму ҳикматаш дар ту ошкор ва равшан аст".

Ибни Абулъавҷо гуфт:

"Эй мард! Агар ту аз мутакаллимонӣ (касоне, ки аз баҳси ақоид огоҳӣ доштанд ва дар баҳсу ҷадал варзида буданд) бо ту ба равиши онон сухан бигӯям ва дар ин сурат моро қаноатманд созӣ, мо аз ту пайравӣ мекунем ва агар аз онон нестӣ сухан гуфтан бо ту суде надорад. Агар ту аз ёрони Ҷаъфар ибни Муҳаммади Содиқ ҳастӣ, ӯ

бо мо чунин сухан намегӯяд ва ба ин тариқ бо мо муҷодила намекунад. Ӯ гуфтори моро беш аз он чи ту шунидӣ борҳо шунидааст, моро дашном надода ва дар посухи мо аз андоза берун нарафтааст.

Ҷаъфар ибни Муҳаммад ором, бурдбор, хирадманд ва матин аст ва ҳаргиз хашму ғазаб бар ӯ чира намешавад ва аз ҷой бадар намеравад. Ӯ суханон ва далелҳои моро мешунавад ва мо он чи дар хотир дорем бар забон меоварем ва гумон мекунем, ки бар ӯ пирӯз шудаем. Он гоҳ бо камтарин сухан далоили моро ботил месозад ва бо кӯтоҳтарин калом ҳуҷҷатро бар мо тамом мекунад. Баъд аз ин ҷавобҳои қатъӣ наметавонем ба посух бароем. Инак агар ту аз асҳоби ӯ ҳастӣ чунон ки шоистаи ӯст бо мо сухан гӯй".

Ман андӯҳгин аз масҷид берун омадам ва дар он чи Ислом ва мусулмонон ба куфри ин мулҳидон ва шубҳаҳои эшон дар инкори Офаридгор мубтало шудаанд, фикр мекардам. Пас ба хидмати сарварам Имом Содиқ(а) рафтам. Имом вақте маро афсурда ва андӯҳгин дид, пурсид: туро чӣ шудааст?

Ман суханони он даҳриёнро ба арзашон расондам, фармуд:

"Барои ту аз ҳикмати Офаридгор дар офариниши ҷаҳон, ҳайвонот, даррандагон, ҳашарот, мурғон ва ҳар ҷондоре аз инсон, чаҳорпоён, гиёҳон, дарахтони мевадору бемева,



гиёҳони хӯрданию ғайрихӯрданӣ баён хоҳам кард, то ибратгирандагон аз он ибрат гиранд ва бар маърифати мӯъминон афзуда шавад ва мулҳидону кофирон дар он ҳайрон бимонанд. Ту бомдоди фардо назди мо биё".

Аз ин тавфиқи ноёб сахт шод шудам ва ба хона баргаштам. Дар интизори он ваъдаи ҷонбахш шаб барои ман хеле дароз шуд.

**Маҷлиси аввал**:

Бомдод ба хидмати Имом (а) шитофтам ва рухсат талабида дохили хона даромадам, пас аз он ба ҳуҷраи дигар дохил шудам. Имом маро ба хилват назди хеш талабид, чун нишастам, фармуд:

"Муфаззал, гӯё шаб барои ту дар интизори ваъдаи мо тӯлонӣ шуд?"

Арз кардам:

- Оре сарвари ман.

Имом оғоз кард:

"Эй Муфаззал! Худо буд ва ҳеҷ чиз пеш аз ӯ набуд. Ӯ боқӣ аст ва буданашро ниҳоят нест. Ҳамду ситоиш сазовори ӯст, ки ба мо илҳом фармуд ва шукру сипос хоси ӯ, ки бартарин маротиби улум ва баландтарин қуллаҳои сарафрозиро ба мо ато кард. Ӯст, ки моро бар ҳамаи офаридагон ба илми хеш баргузид ва ба ҳикмати худ моро бар онон гувоҳ сохт".

Муфаззал мегӯяд: аз Имом(а) иҷозат хостам, то он чиро, ки ҳазрат мефармояд бинависам. Имом(а) мувофиқат кард ва фармуд:

“Эй Муфаззал! Онон ки дар вуҷуди Офаридгори ҷаҳон шак мекунанд, ба аҷоиб хилқати ҷаҳон ҷоҳиланд ва фаҳмашон аз дарки ҳикматҳои Худои мутаол дар махлуқоти дарё, кӯҳ ва дашт кӯтоҳу қосир аст.

Бинобар ин ба сабаби кӯтоҳии фикру донишашон ба роҳи инкор рафтаанд ва ба ҷиҳати нотавонии басираташон ба гарданшахию дурӯғгуфтан пардохтаанд, то он ҷо, ки мункир шуда ва мегӯянд: мавҷудотро холиқе нест. Онҳо даъво мекунанд, ки ҷаҳон мудаббире надорад ва он чи ба вуҷуд меояд бинобар ҳисоб, андоза, ҳикмат ва тадбире нест! Худои мутаол бартар аз он аст, ки васф мекунанд ва Худо эшонро аз раҳмат дур дорад, ки аз ҳаққи равшан ва ошкор ба кадом сӯ меравонд?!

Онон дар гумроҳӣ, кӯрӣ ва ҳайрати худ чун гурӯҳи нобиноёнанд, ки дар биное устувору ороста дароянд ва дар он беҳтарин фаршҳо густурда бошад ва анвои хӯрданӣ, нӯшиданӣ, пӯшиданӣ ва он чи одамӣ ба он ниёзманд аст, омода шуда бошад. Дар ин макон ҳар чиз бо тадбиру андозаи дуруст дар ҷои худ қарор гирифта бошад, пас он кӯрон ба ҳар сӯи иморат рафтуомад кунанд, дар утоқҳо ворид шаванд, дар ҳоле ки на хонаро мебинанду на он чи дар он



муҳайё шудааст. Гоҳе бошад, ки пояшон ба зарфе ё чизе, ки дуруст дар ҷои худ қарор дорад бархӯрад ва онон ниёзе бар он намебинанд ва низ намедонанд, ки онро чаро ва барои чӣ коре дар он ҷо ниҳодаанд. Онҳо аз нодонӣ хашмгин мешаванд ва бар бино ва бинокунандаи он носазо хоҳанд гуфт!

Дақиқан ҳоли гурӯҳе, ки ҳусни тақдири маъбуди ҷаҳон ва камоли тадбир дар олами ҳастиро инкор мекунанд чун он кӯрон ҳастанд, зеро зеҳнҳои ин мункирон сабабҳо, иллатҳо ва фоидаҳои ашёро дарк накардаанд. Онон дар ин ҷаҳон ҳайрону нолон бемақсад рӯз мегузаронанд ва он чи аз дурустии низом, истеҳкоми офариниш ва зебоии сохт дар ин дунё ба кор рафтааст, намефаҳманд. Вақте чизеро бинанд, ки сабабашро надонанд ва ақлашон ба ҳикмати он нарасад ба бадгӯӣ ва инкор мепардозанд ва онро ба хатою бетадбирӣ нисбат медиҳанд”.

Имом(а) дар давоми суханони худ дар маҷлиси аввал ба тафсил хилқати инсон, ҳикматҳои гуногуни он ва неъматҳои илоҳиро тавзеҳ доданд. Барои риояти ихтисор ба ҳамин андак басанда мекунем ва фарозҳое аз баёноти Имом (а)ро дар се ҷаласаи баъдӣ нақл мекунем:

**Маҷлиси дуввум**:

“...Эй Муфаззал! ...Дар тадбири Худои ҳакиму тавоно биандеш, дар хилқати ҳайвоноти

дарранда ва шикорӣ, ки чӣ гуна барои онҳо, ки дандонҳои тезу буранда ва чанголҳои сахту маҳкам ва даҳонҳои бузург офаридааст, то бо олами эшон муносибат дошта бошад..., ҳамчунин аз барои мурғони шикории гӯштхӯр минқорҳо ва чанголҳои мувофиқ. Агар Худованд ба ҳайвоноти алафхӯр чангол медод, чизеро ки мӯҳтоҷаш нестанд ба онҳо дода буд, зеро шикор намекунанд ва гӯшт намехӯранд. Агар ба даррандагон сам[1] медод чизе, ки ниёзмандаш набуданд ба онҳо бахшида буд ва чизеро, ки ниёзманданд яъне, аслиҳае, ки бо он ғизои худро шикор кунанд аз онҳо дареғ дошта буд. Оё намебинӣ, ки Худои мутаол ба ҳар як аз ин ду синф ҳайвон он чиро муносиби онҳост ва барои бақою салоҳи кори онҳо лозим аст, ато карда аст.

Акнун бачаи чаҳорпоёнро бингар, ки пас аз таваллуд чӣ гуна аз паи модарони худ меравнад ва ба бардоштан ва парварише, ки фарзанди одам ниёзманд аст, ниёзе надоранд. Сабаб он аст, ки он чи модарони одамӣ аз мадорою огоҳӣ ба парвариши тифл ва тавоноӣ бар ин корҳо, ки бо кафҳои кушодаю ангӯштони кашида мумкин аст доро мебошанд, модарони чаҳорпоён надоранд. Ба ҳамин ҷиҳат Худои мутаол ҳамзамон бо валодат ба бачаи чаҳорпо бидуни мураббию

[1] Заҳр



парастор он тавоноиеро додааст, ки бар пои хеш биистаду роҳ равад, то талаф нашавад ва бидуни парвариши мураббӣ тариқи рушду салоҳи хешро бипаймояд ва ба камоли худ бирасад. Инчунин чӯҷаи бисёре аз паррандагон, чун мокиён (мурғи хонагӣ), кабк ва..., дар ҳамон соате, ки аз тухм берун меоянд роҳ меравнад ва дона мечинанд. Худои мутаол барои чӯҷаи бархи дигар аз паррандагон, ки нотавонанд ва тавоноии парвозро надоранд, монанди чӯҷаи кабӯтар ва паррандагони дигар аз ин қабил, дар модарони онҳо меҳрубонии бештареро қарор дода аст, ки донаро аз даҳони худ ба даҳони чӯҷа гузоранд, то он замоне, ки чӯҷа ба парвоз дароянд. Ба ҳамин ҷиҳат ба ин паррандагон монанди ғайрашон аз мокиён ва назири он чӯҷаи бисёр надодааст, то модар битавонад ба чӯҷаҳо расидагӣ намояд ва онҳо талаф нашаванд. Пас мебинӣ, ки ҳар як баҳраи муносибе барои худ аз тадбири Худои ҳаким дарёфт намудаанд".

**Маҷлиси сеюм**:

"...Садоҳо асаре аст, ки аз истикоки[1] ҷисмҳо дар ҳаво ба вуҷуд меояд ва ҳаво онро ба шунавоии мо мерасонад. Мардум дар тамоми рӯз ва миқдоре аз шаб дар корҳо ва

[1] Бархӯрд, ба ҳам расидан.

ниёзмандиҳои худ сухан мегӯянд. Агар ин сухан ва овозҳо дар ҳаво боқӣ мемонд, ҷаҳон аз садо пур ва кор бар мардум душвор мешуд. Агар чунин иттифоқ меафтод бештар ба коғаз ниёзманд будем, то ҳаворо иваз кунанд. Зеро калом ва калимоте, ки гуфта мешавад ба маротиб бештар аз навиштаҳо аст... Офаридгори ҳаким ин ҳаворо чун коғази латиф пинҳон гардонидааст, ки ҳомили сухану садо мешавад ва дубора осори сухан дар он маҳв мегардад ва барои сухан ва садои дигар софу холис мемонад ва фарсудаю зоеъ намешавад. Агар дар маслиҳати ин ҳаво биандешӣ, барои ибрати ту кофӣ аст, чун ки сабаби ҳаёти бадан аст. Фурӯ бурдани ҳаво ба дохили бадан ва нафас кашидан сабаби зинда мондан аст ва мубошираташ дар хориҷ баданро ба ислоҳ меоварад. Ин ҳаво садоҳоро аз роҳҳои дур меоварад ва бӯйҳои хушро ба машом мерасонад. Оё намебинӣ, ки вақте аз ҳар тараф бод меояд, бӯи хуш ва садо аз он сӯ бештар мерасад ва низ ҳомили сармою гармо, ки ҳар як дар назму салоҳи корҳои ҷаҳон муассиранд, ҳавост...".

"...Дар тадбирҳои гуногуни Худои донои тавоно, дар офариниши аснофи дарахтон бияндеш. Чунон аст, ки соле дарахт як бор мемирад ва ҳарорати ғаризиаш дар дарун пинҳон мешавад. Маводи меваҳо дар он мутаваллид ва омода гардида дар баҳори оянда



дубора зинда шуда ба ҳаракат меояд, то анвои меваҳоро барои ту омода созад. Ҳар мевае дар вақти худ омода мешавад, ҳамон тавре ки дар меҳмониҳо ҳар лаҳза ширинии хуб ва ғизои гуворое пеши ту мегузоранд.

Агар диққат кунӣ мебинӣ, ки дарахтони бордор дастҳои худро бо тӯҳфаҳои гуногуне ба сӯи ту дароз кардаанд ва дар саҳни боғ шохаҳои гул, дастаҳои райҳон ва насрину ёсуман ба пешвози ту баромадаанд, то ҳар кадомеро мехоҳӣ интихоб кунӣ. Агар хирадмандӣ, чаро мизбони худро намешиносӣ, агар ҳушёрӣ, чаро гуногунии ин латоифро намефаҳмӣ ва сипоси валинеъмати худ намегузорӣ? Ин ҳама ғизоҳо, меваҳо, сабзиҳо ва гулҳои рангорангу гуногун дар боғу бӯстон ва кӯҳу ҳомун барои ту омодаю муҳайё кардааст, ту бошӣ мункири эҳсон, саркаши фармони ӯ ҳастӣ ва ба ҷои шукр носипосӣ, дар баробари неъмати Худо исён меварзӣ!!

Ибрат бигир аз офариниши анор ва он чи дар он аз қудрати Худои атобахши тавбапазир ошкор аст. Дар миёни он теппаҳое бавуҷуд овардааст ва дар ҳама сӯи он донаҳои анорро насб ва ба якдигар часпонда аст, чунончи гӯӣ бо даст канори ҳам чидаанд. Донаҳоро ба чанд қисмат тақсим ва ҳар қисматро бо пардае пӯшонидааст ва он парда чунон латиф аст, ки ақл ҳайрон мемонад. Он гоҳ маҷмӯи онҳоро дар миёни пӯсти маҳкаме ҷо

додааст. Тадбир дар ин офариниши дақиқ чунин аст, ки агар даруни анор пур аз дона буд, донаҳо барои ҷазби ғизо роҳе надоштанд. Пас он чиро дар миёни донаҳо қарор дода ва тагдонаҳоро дар он коштааст, ки ба ин васила ғизо ба ҳар дона рафта расад. Он пардаҳоро барои ҳифзи донаҳои латиф бар рӯи онҳо кашидааст, то зоеъ ва фосид нашаванд. Инчунин пӯсти устувору маҳкамро бар рӯи ҳамаи онҳо қарор додааст, то донаҳо аз сармо, гармо ва офатҳои дигар ботароват боқӣ бимонанд. Ҳамаи инҳо, ки гуфтем як қисми каме аз ҳикматҳои бисёри офариниши анор аст...".

**Маҷлиси чаҳорум**:

"...Инак барои ту аз офатҳо ва балоҳо сухан мегӯям, ки гоҳе падид меоянд. Гурӯҳе аз ҷоҳилон онро василае сохтаанд, ки офариниш, тадбир ва тақдири Худои мутаолро инкор намоянд. Онҳо вуқӯи ин офатҳоро дар ҷаҳон бар хилофи ҳикмат мепиндоранд..., монанди вабо, тоун ва анвои бемориҳо, раъд ва малах, ки киштзорҳо ва меваҳоро нобуд месозад....

Дар посухи эшон мегӯем, ки агар холиқу мудаббире дар ҷаҳон намебуд, мебоист беш аз ин фитна, фасод, офат ва бало дар дунё падид ояд. Барои мисол низоми осмон ва замин аз байн равад ва ситорагон бар замин фурӯ резанд, ё замин ба об фурӯ равад, ё офтоб дигар тулӯъ накунад, ё рӯдҳою чашмаҳо хушк шаванд ва об



ноёб гардад, ё ҳаво аз ҳаракат боз монад ва ҳеҷ боде навазад, ё ҳама чизҳо фосид шаванд, ё оби баҳр бар хушкӣ туғён кунад ва ҳама ҷондоронро ғарқ созад!!

Ҳамин офатҳо, аз қабили тоун ва малах, чаро дер намепояд ва доимӣ нест, то ҳамаро бечораю нобуд созад? Инҳо танҳо гоҳе буруз мекунанд ва зуд бартараф мешаванд.

Намебинӣ, ки ҷаҳон аз он балоҳои бузург, ки метавонанд ҳамаи аҳли ҷаҳонро нобуд созанд маҳфӯз аст. Фақат гоҳе мардумонро бо офатҳо ва балоҳои хурде мегазад ва метарсонад, то ислоҳ шаванд. Ин офатҳо боз ба зудӣ аз байн мераванд, то вуқӯи офату бало панде барои мардумон бошад, ки бартараф карданаш раҳмату неъмате бар онон аст.

Бединон дар бораи мусибатҳо ва нохушиҳое, ки барои мардум рух медиҳад мегӯянд: агар ҷаҳон офаридгори меҳрубоне дорад, чаро ин гирифториҳо пайдо мешавад?! Гӯяндаи чунин сухане гумон мекунад, ки айшу зиндагии одамӣ дар ҷаҳон бояд аз ҳар ранҷу заҳмате соф ва холӣ бошад! Агар чунин мебуд он қадар шарру фасод ва туғён дар мардум падидор мешуд, ки на ба салоҳи диношон буду на ба кори охираташон меомад. Чӣ хеле ки мебинӣ бархеро, ки ба нозу неъмат баромадаанд ва ба амнияту рифоҳу тавонгарӣ парвариш ёфтаанд, дар туғёну куфрон ба ҷое мерасанд, ки гӯё фаромӯш кардаанд, ки аз

ҷинси башар ва махлуқи Парвардигоранд. Онон фаромӯш кардаанд, ки мумкин аст ба онҳо ҳам зиёне расад ва ё ба гирифторию ранҷе гирифтор шаванд! Ба зеҳни инсон боре ҳам намеояд, ки бар нотавоне тараҳҳум кунанд, ё аз мустаманде дастгирӣ намоянд, ё бар мубталое кӯмак намоянд, ё бар бечорае меҳрубонӣ намоянд, ё бар балодидае ҳамдардӣ изҳор намоянд!!

Агар инсонҳоро ранҷе газад ва сахтию мусибате ё дарде эшонро фаро гирад, бисёре аз онон, ки ҷоҳилу ғофиланд ба худ меоянд ва аз фасоду гуноҳони бисёр, ки муртакиб мешуданд, тавба ва дур мешаванд.

Онон ки ин ранҷҳо ва озорҳоро дар ҷаҳон намеписанданд, дар воқеъ ба кӯдакон шабеҳанд, ки аз давоҳои талхи ногувор бадгӯӣ мекунанд ва манъ шудан аз хӯрданиҳое лазизе, ки барояшон зараровар аст сабаби хасмашон мешавад. Барои онон омӯхтан ва таҳсили улум ногувор аст ва дӯст медоранд, ки вақти худро пайваста ба бозию беҳудагардӣ гузаронанд ва ҳар хӯрданию нӯшидание, ки дӯст доранд, хӯранду нӯшанд. Онҳо дарк намекунанд, ки ба бозию бекоргардӣ чӣ зиёнҳое барои дину дунёашон дорад, ғизоҳои лазизу зиёнманд ононро ба чӣ бемориҳое гирифтор месозад, намефаҳманд, ки таҳсили илму адаб натиҷаҳои хубе барояшон дар пай дорад ва хӯрдани доруҳои талх сабаби беҳбудии онҳост.



Басо ранҷҳо, ки осудагиҳо дар пай дорад ва басо талхиҳо, ки шириниҳо ба бор оварад...”.

**Алоқа бо ҷаҳони ғайб**

Бегумон имомони пок, ки авсиёи барҳаққи Паёмбари гиромӣ (с) ва ворисони улуми илоҳии ӯ ҳастанд, аз хусусиятҳое бархӯрдор буданд, ки Худованд ба паёмбарон ва авлиёи хоси хеш ато мефармояд. Яке аз ин хусусиятҳо иртибот бо Худои ҷаҳон ва бархӯрдорӣ аз улуми ғайбии махсусе аст, ки хаёлу ваҳмҳо дар он роҳ надорад ва ҳамчун ваҳйи паёмбарон аз гумони ҳар дурӯғ ва нодурустӣ барканор аст. Фарқият дар ин, ки авсиё ва имомон паёмбар набуданд, дини наве намеоварданд ва танҳо мубаллиғу посдори дини Паёмбар(с) мебошанд. Ҳамон тавр ки Паёмбари Ислом(с) ба Алӣ(а) фармуд:

**”Анта миннӣ биманзилати Ҳоруна мин Мӯсо илло аннаҳу ло набийя баъдӣ, -** ***Ту нисбат ба ман ҳамчун Ҳорун нисбат ба Мӯсо ҳастӣ, ҷуз он ки пас аз ман паёмбаре нахоҳад буд”.***

Дар ривоёти исломӣ намунаҳои улуми бо ғайб иртиботдоштаи ҳар яке аз имомон ба қадре фаровон дида мешавад, ки барои ҳеҷ мусулмони огоҳи беғаразе ҷои гумон боқӣ намегузорад, ки он бузургворон бар дониши амиқ ва илоҳӣ такя доштаанд. Ин бузургворон ҳар гоҳ салоҳ медиданд, гӯшае аз донишҳои ғайбии худро

барои ҳидояти пайравонашон ошкор мекарданд...

Инак ба намунаҳое аз улуми пинҳонӣ ва ғайбии Имом Содиқ (а) таваҷҷӯҳ кунед:

1. Пас аз шаҳодати Зайд ибни Алӣ (а) Яҳё, фарзанди барӯманди Зайд, пинҳонӣ ба Эрон рафт. Ӯ пас аз муддате дар шарқи Эрон гурӯҳеро гирд овард ва бар зидди халифаи Умавӣ қиём кард. Яҳё мардона ҷангид ва саранҷом бошарафона шаҳид шуд. Пайкари ӯро ба монанди падараш Зайд ба дор овехтанд ва солҳо бар дор буд, то Абӯмуслим қиём кард ва бадани Яҳёро поин оварданд ва бо эҳтиром ба хок супурданд...

Дар айёме, ки Яҳё ба сӯи Хуросон мерафт яке аз шиаён ба номи Мутаваккил ибни Ҳорун, ки аз сафари ҳаҷ бармегашт ва дар Мадина Имом Содиқ(а)-ро низ мулоқот карда буд бо Яҳё рӯ ба рӯ шуд.

Мутаваккил мегӯяд: ”Вақте ба ӯ салом кардам, пурсид:

Аз куҷо меоӣ?

Гуфтам:

- Аз Ҳаҷ. Аз аҳволи хонадони хеш, амакзодагон ва аз ҳазрати Содиқ(а) пурсон шуд. Он чи медонистам гуфтам ва барои ӯ ҳузну адӯҳи ононро аз шаҳодати падараш Зайд баён кардам.

Гуфт:



- Амакам Муҳаммад ибни Алӣ (Имом Боқир(а)) ба падарам гуфта буд, ки саранҷом ӯ чӣ мешавад... ва сипас пурсид:

Оё писари амакам Ҷаъфар ибни Муҳаммад(а)-ро мулоқот кардӣ?

Гуфтам:

- Оре.

Гуфт:

- Оё чизе дар бораи ман фармуд?

Гуфтам:

- Оре.

Гуфт:

-Ончи гуфт барои ман бигӯ.

Гуфтам:

- Дӯст надорам ончи аз он ҳазрат шунидам рӯ ба рӯи шумо бозгӯ кунам.

Гуфт:

- Оё маро аз марг метарсонӣ?! Ончи шунидаӣ бигӯ.

Гуфтам:

- Он ҳазрат мефармуд, ки шумо низ кушта ва монанди падаратон ба дор овехта мешавед...”.

Он гоҳ Яҳё пас аз чанде гуфтугӯ нусхае аз “Саҳифаи Саҷҷодия”-ро, ки наздаш буд ба Мутаваккил супурд, то ба Мадина бурда, ба бархе аз ақвоми ӯ бирасонад ва гуфт:

“Ба Худо савганд агар ин набуд, ки писари амакам ҳазрати Содиқ(а) фармудааст: “Ман кушта ва ба дор овехта мешавам”, ин саҳифаро ба

ту намесупоридам... Ман дар ҳақиқат медонам, ки гуфтаи ӯ ҳақ аст ва онро аз падарони худ (а) фаро гирифтааст”. [1]

Дере нагузашт ва ҳамчунон шуд, ки Имом Содиқ(а) фармуданд.

2. Сафвон ибни Яҳё мегӯяд: Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ашъас ба ман гуфт: “Медонӣ чаро мо шиа шудем, (пайрави Аҳли Байти Паёмбар) бо он ки аз ин мазҳаб сухане назди мо набуд ва ончи дигарон дар ин бора мешинохтанд, намешинохтем?

Гуфтам:

- Ҷараён чист?

Гуфт:

- Рӯзе Мансури Давониқӣ аз падарам хост, ки марди ҳушёру зиракеро барои анҷоми кори муҳимму хосе муаррифӣ кунад. Падарам тағои худро муаррифӣ кард. Мансур ӯро наздаш даъват кард ва маблағе ба ӯ доду гуфт: “Ба Мадина рав ва бо Абдулло ибни Ҳасан ибни Ҳасан ва гурӯҳе аз хешовандонаш, аз ҷумла Ҷаъфар ибни Муҳаммад мулоқот кун. Ба онон бигӯй: ман ғарибам ва аз Хуросон омадаам. Дар он ҷо шиаён ва пайравоне доред, ки ин маблағро барои шумо фиристодаанд; ба ҳар кадом маблағе бо шароите

[1] “Мунтаҳаломол” қисмати зиндагонии имом Саҷҷод (а), бахши "Мақтали Яҳё ибни Зайд".



бипардоз ва гӯй, ки ман фиристодаи онҳо ҳастам ва дӯст дорам, ки расиди пулро бо хатти худатон нависед, ки ҳамроҳи ман бошад.

Тағои падарам ба Мадина рафт ва пас аз муддате баргашта ба назди Мансур омад ва падарам низ дар маҷлиси Мансур буд. Мансур пурсид:

- Чӣ кардӣ?

Гуфт:

- Ҳамаи ононро мулоқот кардам ва пулҳоро пардохтам ва расид гирифтам, ба ҷуз аз Ҷаъфар ибни Муҳаммад. Ба Масҷиди Паёмбар назди ӯ рафтам, машғули намоз буд, пушти сари ӯ нишастам, то намозаш тамом шавад. Вақте намозро ба поён расонд ба ман рӯ оварда гуфт:

“Аз Худо битарс ва Аҳли Байти Паёмбарро фиреб мадеҳ. Ба Мансур низ бигӯ, ки аз Худо битарсад ва хонадони паёмбарро фиреб надиҳад”.

Гуфтам:

- Манзуратон чист?!

Гуфт:

- Пештар биё. Он гоҳ ҳамаи он чи, ки миёни ману ту гузашта буд ва маъмурияти маро бароям гуфт, чунончи гӯё ҳамроҳи мо будааст.[1]

[1] “Кофӣ”, ҷ.1, саҳ.475, “Басоируддараҷот”, саҳ.245, “Маноқиб”, ҷ.4, саҳ.220, “Биҳоруланвор” ҷ.47, саҳ74

3. Абӯбасир мегӯяд: хидмати Имом Содиқ (а) расидам ва номи Муалло ибни Хунайс ба миён омад, Имом(а) фармуд:

- Эй Абӯбасир! Ончи дар бораи Муалло ибни Хунайс бар ту мегӯям пинҳон бидор.

Арз кардам:

- Пинҳон медорам.

Фармуд:

- Муалло ба мақоми волои худ намерасад, магар ба ончи Довуд ибни Алӣ бар сари ӯ меоварад!

Гуфтам:

- Довуд ибни Алӣ бо ӯ чӣ мекунад?

Фармуд:

- Ӯро наздаш даъват мекунад ва гарданашро мезанад ва баданашро ба дор меовезад. Ин кор дар соли оянда воқеъ мешавад.

Соли баъд Довуд ибни Алӣ фармондори Мадина шуд. Ӯ Муалло ибни Хунайсро даъват кард ва аз ӯ хост то шиаёни Имом Содиқ(а)-ро муаррифӣ кунад. Муалло напазируфт. Фармондор таҳдид кард, ки агар муқовимат кунӣ ва нагӯӣ, туро мекушам!

Муалло гуфт: Маро ба куштан таҳдид мекунӣ?! Ба Худо савганд агар шиаёни Имом Содиқ назди ман бошанд, по аз рӯи онон намебардорам. Агар



маро бикушӣ, маро хушбахт ва худро бадбахт сохтаӣ ва Довуд ӯро ба шаҳодат расонд.[1]

4. Алӣ ибни Ҳамза мегӯяд: ҷавоне аз кормандони ҳукумати Умавӣ бо ман дӯст буд. Боре аз ман хоҳиш кард, ки аз Имом Содиқ (а) иҷозат гирам, ки ба хидматашон шарафёб шавам. Барояш аз имом иҷозат гирифтам ва ҷавон ба хидмати имом омад, наздашон нишаст ва гуфт:

- Фидоят шавам, ман аз кормандони Бани Умайя будам ва амволи фаровоне аз ин роҳ ба даст овардам!

Имом фармуд:

- Агар Бани Умайя касоне чун шуморо надоштанд, наметавонистанд ҳаққи моро аз байн баранд, агар мардум ба онҳо кӯмак намекарданд ва танҳояшон мегузоштанд чизе ҷуз ончи дар дасташон буд, намеёфтанд.

Ҷавон гуфт:

- Фидоят гардам! Оё барои ман роҳи наҷоте ҳаст?

Фармуд:

- Агар гӯям анҷом медиҳӣ?

Гуфт:

- Оре.

Фармуд:

[1] "Биҳоруланвор", ҷ.47, саҳ.129, "Маноқиб", ҷ.6 саҳ.225

- Амволе, ки аз ин роҳ ба даст овардаӣ, ба соҳибонаш баргардон. Агар соҳибонашро намешиносӣ садақа деҳ. Агар ин корро бикунӣ ман биҳиштро барои ту замонат медиҳам.

Ҷавон сар ба зер афканд ва пас аз муддате сар бардошт ва гуфт:

- Фидоят шавам ин корро хоҳам кард.

Ҷавон ҳамроҳи мо ба Кӯфа омад ва ончи дошт, ҳатто либосҳояшро ё ба соҳибонаш баргардонд ё садақа дод. Ӯ чунон тиҳидасту бечора шуд, ки мо барояш либос харидем ва барои рӯзгузарониаш ба ӯ кӯмак кардем. Чанд моҳе нагузашт, ки бемор шуд ва мо пайваста ба дидани ӯ мерафтем. Рӯзе назди ӯ ворид шудам, дар ҳоле ки охирин лаҳзаҳои ҳаёташ буд. Ӯ чашмонашро ба сӯи ман боз кард ва гуфт: “Ба Худо савганд Имом Содиқ ба ваъдаи худ вафо кард....”.

Ин ҷумларо гуфту аз дунё рафт. Ӯро ба хок супурдем ва муддате баъд ба хидмати Имом Содиқ шарафёб шудам. Имом бо дидан дарҳол фармуд: “Ба Худо савганд ба ваъдае, ки ба он ҷавон дода будем, вафо кардем!”

Арз кардам:

- Фидоятон шавам рост мегӯед, ба Худо савганд худи ӯ низ ҳангоми марг ба ман ҳаминро гуфт.[1]

[1] “Биҳоруланвор”, ҷ.47, саҳ.138, “Маноқиб”, ҷ.4 саҳ.240



5. Судайри Сайрафӣ мегӯяд: амволе аз Имом Содиқ (а) назди ман буд. Ҳангоми баргардондан як динорро назди худ нигаҳ доштам, то дурустии гуфтори пайравони он ҳазратро биозмоям. Имом(а) фармуд:

- Эй Судайр! Ба мо хиёнат кардӣ ва манзурат аз ин кор буридан аз мо нест.

Арз кардам:

- Фидоят шавам, мавзӯъ чист?

Фармуд:

- Миқдоре аз ҳаққи моро бардоштаӣ, то моро биозмоӣ!

Гуфтам:

- Фидоят шавам рост гуфтӣ, мехостам ба дурустии гуфтори шиаён дар бораи шумо пай барам.

Фармуд:

- Оё намедонӣ мо ба он чи ба он ниёзе бошад, доно ҳастем... Илми паёмбарон дар илми мо маҳфӯз ва назди мо ҷамъ шудааст ва илми мо аз илми паёмбарон аст.[1]

## Ёрон ва шогирдони Имом (а)

Чи хеле ки гуфта гузаштем, ҳокимони Умавӣ ва Аббосӣ имомони гиромиро сахт таҳти назар ва муроқибат доштанд. Ин золимон гоҳе аз тамоси

[1] “Маноқиб” ҷ.4, саҳ.227, “Биҳоруланвор” ҷ.47, саҳ130

мардум бо он бузургворон монеъ мешуданд. Дар айни ҳол дар охирҳои ҳукумати Бани Умайя ва аввалҳои ҳукумати Бани Аббос ба ҷиҳати нотавонию даргириҳо ва машғулиятҳои онон, муштоқон фурсат ёфтанд аз маҳзари Имом Боқир ва Имом Содиқ (а) истифода баранд ва касби илму файз намоянд...

Иштиёқи лабташнагони илм ва диёнатҷӯён ба бахрагирифтан аз файзҳои улуми имомон (а) чунон буд, ки на танҳо дар чунин фурсат, ки мумкин мешуд, ҳатто дар сахттарин шароити тоқатфарсо низ каму беш ба ҳар сурат, ки мумкин мешуд, худро ба имом мерасонданд ва фарохӯри дарку хостаҳои хеш, аз хирмани камолоти эшон хӯшае мечиданд...

Дар мактаби Имом Содиқ (а) шогирдони бисёре парвариш ёфтаанд, ки улуму маорифи исломиро дар заминаҳои мухталиф фаро гирифта ва ба дигарон омӯзонданд. Шайх Тӯсӣ дар китоби "Риҷол"-и худ ҳудуди чаҳор ҳазор нафарро, ки аз маҳзари Имом Содиқ истифодаи илмӣ ё ривоят кардаанд ном мебарад. Мо дар зер барои таҷлил аз мақоми волои онон ва қадрдонӣ аз заҳматҳояшон дар роҳи интиқоли улум ва маориф ба наслҳои баъдӣ, ихтисоран се тан аз онҳоро муаррифӣ мекунем:

**1- Ҳамрон ибни Аъяни Шайбонӣ**:

Хонаводаи Аъян умуман аз шиаёни хоси имомон ва аз алоқамандон ба хонадони рисолат



буданд. Ҳамрон ва бародараш Зурора, ҳарду аз дурахшандатарин чеҳраҳои шиа, аз уламою фуқаҳои номдори асри худ ва аз ёрони бузурги Имом Боқир ва Имом Содиқ ба ҳисоб мерафтанд.

Имом Содиқ (а) фармудаанд:

> ***"Ҳамрон ибни Аъян марди боимоне аст, ки ба Худо савганд ҳаргиз аз динаш барнамегардад", ва низ фармуданд: "Ҳамрон аҳли биҳишт аст".***[1]

Зурора мегӯяд: дар айёми навҷавонӣ ба Мадина омадам ва дар мавсими ҳаҷ дар "Мино" ҳозир шудам ва ба хаймаи Имом Боқир(а) рафтам ва салом кардам. Имом посух доданд, рӯ ба рӯи Имом(а) нишастам, фармуданд:

- Аз фарзандони Аъян ҳастӣ?

Арз кардам:

- Оре, ман Зурора фарзанди Аъянам.

Фармуд:

- Туро ба шабоҳат шинохтам. Оё бародарат Ҳамрон ба ҳаҷ омадааст?

Гуфтам:

- Не, вале ба шумо салом расонд.

Фармуд:

[1] "Риҷол"-и Кашшӣ, саҳ.176

**-** Ӯ аз мӯъминони воқеӣ аст, ки ҳаргиз аз дини худ даст нахоҳад кашид, ҳангоме ки ӯро дидӣ, саломи маро ба ӯ расон.[1]

Худи Ҳамрон мегӯяд: ба Имом Боқир (а) арз кардам:

**-** Оё ман аз шиаёни шумо ҳастам?

Фармуд:

**-** Оре, ба Худо савганд ту дар дунё ва охират аз шиаёни мо ҳастӣ....[2]

Асбот ибни Солим мегӯяд: Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) фармуд: ”Дар қиёмат нидо медиҳанд, ҳавориюни (ёрони наздик) Паёмбари Худо Муҳаммад ибни Абдулло (с), ки паймони хеш нашикастанд ва бо ҳамон паймон аз ҷаҳон рахт барбастанд, куҷоянд?

Салмон, Абӯзар ва Миқдод бармехезанд.

Он гоҳ ёрони наздик ва хоси якояки имомонро фаро мехонанд. Афроди хос бармехезанд, то он ки ёрони хоси имоми панҷум ва имоми шашум (Имом Боқир ва Имом Содиқ(а))-ро металабанд. Абдулло ибни Шарики Омирӣ, Зурора ибни Аъян, Бурайд ибни Муовия, Муҳаммад ибни Муслим, Абӯбасир Муродӣ, Абдулло ибни

[1] “Риҷол”-и Кашшӣ, саҳ.178
[2] “Риҷол”-и Кашшӣ, саҳ.462



Абӯяъфур, Омир ибни Абдулло, Ҳуҷр ибни Зоида ва Ҳамрон ибни Аъян бармехезанд.[1]

Сафвон мегӯяд:

> ***“Ҳамрон бо асҳоби худ менишаст ва пайваста аз имомон (а) ривоят мекард. Агар мусоҳибон аз ғайри имомон(а) ҳадисе мегуфтанд намепазируфт ва агар ин кор (нақли ҳадис аз ғайри имомон) се бор такрор мешуд ва ба эътирози ӯ таваҷҷӯҳ намекарданд, аз он маҷлис хориҷ мешуд”.***[2]

Юнус ибни Яъқуб мегӯяд:

> ***“Ҳамрон илми “калом”-ро (ақоидро) ба хубӣ медонист”.***[3]

Ҳишом ибни Солим мегӯяд: бо гурӯҳе аз ёрони Имом Содиқ(а) дар хидмати имом будем. Марде аз аҳолии Шом ворид шуд... Имом ба ӯ фармуд:

**-** Чӣ мехоҳӣ?

Гуфт:

**-** Шунидаам, ки ту ба он чӣ суол шавад огоҳӣ дорӣ, ба ҳамин ҷиҳат омадаам то бо ту мунозира кунам.

Фармуд:

**-** Дар бораи чӣ чизе?

[1] “Риҷол”-и Кашшӣ, саҳ.10
[2] “Риҷол”-и Кашшӣ, саҳ.179
[3] “Туҳфатулаҳбоб”, саҳ.77

Гуфт:

- Дар бораи Қуръон.

Имом ӯро ба назди Ҳамрон фиристод.

Гуфт:

- Ман барои мунозира бо ту омадаам, на пеши Ҳамрон!

Фармуд:

- Агар бар Ҳамрон ғалаба кардӣ, бар ман пирӯз шудаӣ.

Марди Шомӣ ба Ҳамрон рӯй овард ва ҳарчи пурсид ҷавоб шунид то он замоне, ки хаста шуд. Имом ба ӯ фармуд:

- Ҳамронро чӣ гуна ёфтӣ?

Гуфт:

- Устоде моҳир аст, ҳарчи пурсидам ҷавоб дод....[1].

**2- Абдулло ибни Абӯяъфур**:

Абдулло ибни Абӯяъфур аз ёрони хоси Имом Содиқ (а) буд. Дар мартабаи маърифат ва шинохти мақоми имомат чунон пешрафта буд, ки дар баробари Имом(а) ҷуз итоату пайравӣ аз ӯ чизе дида намешуд. Абдулло боре ба Имом Содиқ (а) арз кард: "Агар шумо анореро ду ним кунед ва бигӯед, ки ин нима ҳаром ва он ними дигар ҳалол аст, гувоҳӣ медиҳам, ки он чиро ҳалол донистаед, ҳалол ва он чиро ҳаром

[1] "Риҷол"-и Кашшӣ, саҳ.276



донистаед ҳаром аст". Имом ду бор фармуд: "Худо туро раҳмат кунад".[1]

Абдулло ба бемории махсусе мубтало шуд, ки гоҳе шиддат меёфт. Барои таскини дард хӯрдани шаробро бароящ ҷоиз карда буданд.

Ба хидмати Имом(а) омад ва дарду дармонро ба арзи он ҳазрат расонд ва шарҳ дод, ки агар шароб бинӯшад фавран таскин меёбад.

Имом фармуд: "Шароб ҳаром аст, ҳаргиз шароб истеъмол накун. Ин шайтон аст, ки мехоҳад ба унвони дармони бморӣ туро ба шаробхӯрӣ водор кунад. Агар нофармонии ӯ кунӣ, аз ту маъюс мешавад ва даст аз ту бармедорад".

Ибни Абӯяъфур ба Кӯфа бозгашт ва бемориаш аз пештара сахттар шуд. Хешовандонаш шароб оварданд, гуфт: "Ба Худо савганд як қатра ҳам нахоҳам нӯшид". Ӯ чанд рӯзе дар бистар монд, дардро таҳаммул кард ва Худои мутаол барои ҳамеша ӯро шифо бахшид.[2]

Ибни Абӯяъфур дар замони Имом Содиқ(а) аз дунё рафт. Имом дар номае ба Муфаззал ибни Умар навишт:

> ***"Эй Муфаззал! Туро супориш мекунам ба он чи Абдулло ибни Абӯяъфурро, ки***

[1] "Риҷол"-и Кашшӣ, саҳ.249

[2] "Риҷол"-и Кашшӣ, саҳ.247 бо талхис.

***дурудҳои Худо бар ӯ бод, супориш кардаам. Ӯ ки дурудҳои Худо бар ӯ бод, аз дунё рафт дар ҳоле ки ба паймони хеш бо Худо, Паёмбар ва Имоми замонаш вафо кард. Вай аз дунё рафт, дурудҳои Худо бар равони ӯ, дар ҳоле ки омӯрзида ва шомили раҳмати илоҳӣ буд. Дар замони мо касе мутеътар аз ӯ дар баробари Худо, Паёмбар ва Имомаш набуд. Ӯ пайваста чунин буд, то Худо ба раҳмати худ ӯро қабзи рӯҳ кард ва ба биҳишт мунтақил сохт...".[1]***

**2- Муфаззал ибни Умари Ҷӯъфӣ**:

Муфаззал аз бузургони ёрони Имом Содиқ(а) ва яке аз фуқаҳои бузурги мувассақ[2] аст. Ӯ аз наздикони Имом(а) маҳсуб мешуд ва мутасаддии бархе аз корҳои он ҳазрат буд.[3]

Гурӯҳе аз шиаён ба Мадина омаданд ва аз Имом Содиқ (а) тақозо карданд, ки шахсеро ба онҳо муаррифӣ кунанд, то ҳангоми зарурату ниёз дар корҳои динӣ ва аҳкоми шаръӣ ба ӯ муроҷиат кунанд. Имом фармуд: "Ҳар кас суоле дошта бошад назди ман биёяд ва аз худам бипурсад ва биравад".

[1] "Риҷол"-и Кашшӣ, саҳ.249 бо талхис.

[2] Ростгӯӣ, сухани мавриди таид ва боварӣ.

[3] "Ҷомеуррувот", ҷ.2 саҳ258



Онон пофишорӣ карданд, ки ҳатман шахсеро таъин фармоянд. Имом фармуд: "Муфаззалро таъин кардам, он чи бигӯяд қабул кунед, зеро ӯ ҷуз ҳақ намегӯяд...".[1]

Имом Содиқ(а) дар чанд ҷаласа дарсҳои хосе дар бораи тавҳид барои Муфаззал фармуданд, ки маҷмӯи он ба сурати китоби "Тавҳиди Муфаззал" машҳур аст. Мо қаблан онро муаррифӣ ва фарозҳое аз онро зикр кардем. Ин дарсҳо шоҳиде аст бар инояти махсуси Имом(а) нисбат ба Муфаззал ва мартабаю мақоми баланди ӯ назди имом.

Муфаззал назди Имом Содиқ(а) чунон маҳбуб буд, ки боре ҳазрат ба ӯ фармуд:

***"Ба Худо савганд туро дӯст дорам ва касеро, ки туро дӯст дорад, ӯро низ дӯст медорам..."[2]***

Имом Козим (а) дар мавриди Муфаззал мефармуданд:

***"Муфаззал ҳамдам ва сабаби роҳати ман аст".***

Ҳангоме ки Муфаззал аз дунё рафт имом фармуд:

[1] "Риҷол"-и Кашшӣ, саҳ.327

[2] "Биҳоруланвор", ҷ.47 саҳ.395

***“Худо ӯро раҳмат кунад, ӯ падаре буд баъд аз падар, ҳамакнун ӯ роҳат ва осуда шуд”.*[1]**

**Шаҳодати Имом (а)**

Халифаи ҷаббори Аббосӣ Мансури Давоникӣ, ки аз разилтарин хулафои Бани Аббос ва марди сахтгиру ситамгар буд, ҳамеша Имом Содиқ (а)ро дар муроқибати шадиди маъмурони хеш нигоҳ медошт. Ӯ ҷосӯсоне барои он ҳазрат гузошта буд ва борҳо имомро барои озор ва ҳатто нобудӣ назди худ даъват мекард, аммо чун тақдир набуд, муваффақ ба анҷоми нияти палиди худ намешуд.

Имоми ҳафтум ҳазрати Козим (а) мефармояд, ки боре Мансур падарамро талаб кард, то ба қатл бирасонад. Ӯ шамшер ва бисоте ҳам омода сохт ва ба Рабиъ, ки аз дарбориёни ӯ буд, амр кард, ки вақте Ҷаъфар ибни Муҳаммад ворид шуд ва бо ӯ сухан гуфтам ва даст бар ҳам кӯфтам, гарданашро аз тан ҷудо кун.

Вақте падарам ворид шуд ва чашми Мансур ба ӯ афтод, беихтиёр аз ҷой бархост ва ӯро хушомад гуфт ва изҳор дошт, ки шуморо барои он даъват намудам, ки қарзҳоятонро бипардозам. Он гоҳ бо хушрӯӣ ҳоли хешон ва бастагони имомро ҷӯё

[1] “Туҳфатулаҳбоб”, саҳ.376



шуд ва ба Рабиъ рӯ карду гуфт: “То се рӯзи дигар Ҷаъфар ибни Муҳаммадро назди хонаводааш бозгардон...”.[1]

Саранҷом Мансур натавонист вуҷуди Имом(а)-ро, ки дигар овозаи имомату раҳбариаш то дуртарин сарзаминҳои исломӣ пар кашида буд, дар миёни ҷомеа таҳаммул кунад. Дар моҳи шавволи соли 148-ҳиҷрӣ он бузурги гиромиро заҳр дод. Имом Содиқ (а) дар бисту панҷуми шаввол, дар синни шаступанҷсолагӣ ба ҷаҳони дигар хиромид ва пайкари покашро дар кабристони Бақеъ, дар канори падари гиромиаш ба хок супориданд.[2]

Чи некӯст, ки дар сӯгвории он бузург ҳамзабон бо шоири фидокор Абӯҳурайраи Аҷалӣ хонему ашк резем:

**Ақулу ва қад роҳу биҳи яҳмилунаҳу**
**Ало коҳилин мин ҳомилиҳи ва отиқин.**
**А тадруна мозо таҳмилуна илас саро**
**Сабиран саво мин раъси алёи шоҳиқин.**
**Ғадота ҳасал ҳосуна фавқа зариҳиҳи**
**Туробан ва авло кона фавқал мафориқи.**[3]

***Ҳангоме, ки ҳомилон пайкари ӯро бар шона ва***

[1] “Уюну ахборир Ризо”, ҷ.1, саҳ.304, “Биҳоруланвор”, ҷ.47, саҳ. 162
[2] “Эъломулваро”, саҳ.266, “Кофӣ” ҷ.1, саҳ.472, “Ҷаннотулхулуд”, саҳ.27
[3] “Мунтаҳаломол” қисмати зиндагонии Имом Содиқ(а) саҳ.47

***гардан ба сӯи гӯристон мебурданд, гуфтам:***

***Оё медонед кадом бузургмардеро ба сӯи хок мебаред?***

***Дареғо, кӯҳсоре баланд аз авҷи рифъат ба нишеб омада, дар гӯре дафн мешавад.***

***Бомдод бар марқади ӯ хок хоҳанд рехт;***

***Сазовор он аст, ки бар фуқдони[1] ӯ хок бар сари хеш бирезем.***

* * *

Оре, ба ростӣ бо шаҳодати имоми мукаррам Содиқи Оли Муҳаммад(с), таърихи инсон ва Ислом гавҳареро аз даст дод, ки агар мақоми имомати шаш имоми бузургвор аз сулолаи он гиромӣ намебуд, бешак мегуфтем: ***"Ҷаҳон аз парваридани чунон бузургмарде то қиёми қиёмат, бенатиҷа мондааст..."*.**

Дуруди Худо, фариштагон, солеҳон ва мӯъминон бар ӯ бод.

**Охирин васияти Имом (а)**

Абӯбасир аз ёрони бузургвори Имом Содиқ (а) мегӯяд: пас аз реҳлати имом барои таслият гуфтан ба ҳамсарашон Умми Ҳамида ба хонаи он ҳазрат рафтам. Дар сӯги Имом(а) ҳарду ба талхӣ гиристем, он гоҳ ба ман фармуд:

[1] Гум кардан, аз даст додан.



- Эй Абӯбасир! Агар ҳангоми вафоти имом мебудӣ тааҷҷуб мекардӣ, зеро ҳазрат чашмони хешро кушод ва фармуд: "Ҳамаи хешовандонамро назди ман оваред" ва чун гирд омаданд, имом ба ҳамаи онон нигоҳ кард ва фармуд:

**«Инна шафоатано ло танолу мустахиффан биссалоти»**.

***Шафоати мо (имомон) шомили касе, ки намозро сабук шуморад, намешавад.[1]***

**Чанд гуфтор аз Имом (а)**:

Инак дар поёни ин гуфтор ба чанд ҷумла аз суханони имоми гиромӣ ҳазрати Содиқ (а) таваҷҷӯҳ кунем. Умед дорем, ки суханони дилнишини имом дар мо таъсир гузорад ва дилҳоямонро равшанӣ бахшад, бар имонамон биафзояд ва роҳнамои амалҳоямон бошад:

1. **«Иннал муслима изо ҷоа ахуҳул муслиму фақома маъаҳу фи ҳоҷатиҳи кона кал муҷоҳиди фи сабилиллоҳи ъазза ва ҷалла»**.[2]

***Ҳар мусулмоне, ки ҳангоми мурочиати бародари мусулмонаш, дар анҷоми хостаи ӯ кӯшиш кунад, мисли касе аст, ки дар роҳи Худо ҷиҳод намояд".***

[1] "Амолӣ"-и Садуқ, саҳ.290, "Васоилушшиа", ҷ.3, саҳ.17
[2] "Мустадрак", ҷ.2, саҳ.407

2. **«Қолаллоҳу азза ва ҷалла, ал халқу иёлӣ фааҳуббуҳум илайя алтафуҳум биҳим ва асъоҳум фи ҳавоиҷиҳим».**[1]

> ***Худо фармудааст: Мардум монанди оилаи мананд, касе назди ман маҳбубтар аст, ки ба мардум бештар лутф дорад ва дар рафъи ниёзмандиҳояшон кӯшотар бошад".***

3. **«Ваҷадту илман носи куллаҳо фи арбаъа: аввалуҳо ан таърифа раббака, вас сонӣ ан таърифа мо санаъа бика, вас солису ан таърифа мо арода минка, вар робиъу ан таърифа мо юхриҷука мин диника».**[2]

> ***Тамоми донишҳо ва огоҳиҳои судманди мардумро дар чаҳор чиз ёфтам: Аввал он ки Парвардигоратро бишносӣ, дуюм он ки бидонӣ Худо бо ту чӣ карда ва чӣ неъматҳое ба ту додааст, сеюм он ки бидонӣ Худои ту чӣ мехоҳад ва вазифаи ту чист ва чаҳорум бидонӣ, ки чӣ чизе туро аз динат берун мекунад".***

4. **«Арбаъатун мин ахлоқил анбиёи: Ал бирру вассахоу вассабру аланноибати вал қиёму биҳаққил мӯъмини».**[3]

[1] "Кофӣ", ҷ.2, саҳ.199
[2] "Иршод"-и Муфид, саҳ.625
[3] "Туҳафулуқул", саҳ.375



> ***Чаҳор хислат аз ахлоқи паёмбарон аст: некӣ кардан, саховат, сабру муқовимат дар баробари гирифториҳо ва риояти ҳуқуқи мӯъминон".***

5. **«Ал мӯъмину байна махофатайни: занбун қад мазо ло ядрӣ мо ясмаъуллоҳу фиҳи, ва умрун қад бақия ло ядрӣ мо яктасибу фиҳи миналл маҳолики; фа ҳува ло юсбиҳу илло хоифан ва ло юмсӣ илло хоифан ва ло юслиҳуҳу иллал хавфу».**[1]

> ***Мӯъмин миёни ду тарс қарор дорад: гуноҳи гузашта, ки намедонад Худо дар бораи он бо ӯ чӣ мекунад ва умри боқимонда, ки намедонад чӣ гуноҳоне аз ӯ сар хоҳад зад ва дар чӣ муҳликаҳое хоҳад афтод; ба ҳамин ҷиҳат шабро ба рӯз намеоварад, магар бо тарс ва рӯзро ба шаб намерасонад, магар бо тарс ва чизе ҷуз ҳамин тарс (аз Худо) ӯро ислоҳ намекунад".***

6. **«Ло ястакмилу абдун ҳақиқатал имони ҳатто такуна фиҳи хисолун салосун: ал фиқҳу фиддини ва ҳуснут тақдири фил маъишати вассабру алар разоё».**[2]

[1] "Туҳафулуқул", саҳ.377
[2] "Туҳафулуқул", саҳ.324

*Ҳеҷ бандае ба камоли ҳақиқати имон намерасад, магар он ки ин се хислат дар ӯ бошад: фаҳму басират дар дин, андозагирии дуруст дар маишат, шикебоию сабр дар гирифториҳо ва мусибатҳо".*

7. **«Салосатун ло туърафу илло фи салоси мавотина: ло юърафул ҳалиму илло индал ғазаби ва ло ашшуҷоъу илло индал ҳарби ва ло ахун илло индал ҳоҷати».**[1]

*Се нафар дар се ҷо шинохта мешаванд: бурдбор ба ҳангоми хашм, далер ба ҳангоми ҷанг ва бародар ба ҳангоми ниёзмандӣ.*

8. **«Ло ястағни аҳлу кулли баладин ан салосатин яфзаъу илайҳи фи амри дунёҳум ва охиратиҳим, фа ин адиму золика кону ҳамҷан: фақиҳин олимин вараъин, ва амирин хаййирин мутоъин, ва табибин басирин сиқатин».**[2]

*Аҳли ҳар шаҳр аз се нафар, ки дар кори дунё ва охираташон ба онон паноҳ баранд, бениёз нестанд: фақеҳи донишманди порсо, зимомдори хайрхоҳ,*

[1] "Туҳафулуқул", саҳ.316
[2] "Туҳафулуқул", саҳ.237



*ки мардум мутеи ӯ бошанд ва табиби ҳозиқ ва мавриди итминон".*

***9. "Решаи ҳар хубӣ ва некӣ моем ва тамоми некиҳо аз шоху барги мост; тавҳид, рӯза, фурӯ нишондани хашм, гузашт аз касе, ки ба инсон бадӣ кардааст, тараҳҳум ба мустаманд, расидагӣ ба ҳамсоя ва эътироф ба фазилати соҳибони фазилат, ҳама аз некиҳо ба шумор меравад.***

***Душманони мо решаи ҳар шарру бадӣ ҳастанд ва ҳамаи зиштиҳо шоху барги онҳост, аз он ҷумла: дурӯғ, бухл, суханчинӣ, қатъи раҳим, рибохӯрӣ, хӯрдани моли ятим, таҷовуз аз ҳудуде, ки Худо муаён фармудааст, содир кардани ҷиноёти пинҳон ва ошкор, зино, дуздӣ ва монанди инҳо.***

***Дурӯғ мегӯяд касе, ки худро бо мо ва аз шиаёни мо медонад, дар ҳоле ки ба шоху барги душманони мо чанг зада ва овезон аст".***[1]

***Поён.***

[1] "Ал-имомус-Содиқ" ҷ.3 саҳ.138.

## Мундарича

Сарсухан........................................................................................5
Мурури кӯтоҳе дар зиндагонии Имом Содиқ (а)............9
Ахлоқи Имом (а).......................................................................10
Имом кор мекунад: ..................................................................11
Тиҷорати одилона: ...................................................................12
Сармоя барои ҳалли ихтилоф:...........................................13
Имом ва суфраи шароб: .......................................................14
Манъи шаробхӯр: .....................................................................14
Шарти озод кардани банда: ................................................16
Дар баробари фақири худошинос ва шокир: ................16
Ибодати Имом: .........................................................................18
Таслим ва ризо дар баробари Худо: ................................19
Ҳилм ва бурдборӣ: ..................................................................19
Кӯмак ба ниёзмандон: ...........................................................20
Имом Содиқ (а) ва ҳукуматдорон......................................22
Ҷасорати Имом дар баробари фармондори Мадина ..33
Имом Содиқ ва Зайд ибни Алӣ (а) ...................................35
Қиёми Зайд .................................................................................37
Мунозироти Имом Содиқ (а) .............................................42
Рисолаи «Тавҳиди Муфаззал» ...........................................52
Маҷлиси аввал:.........................................................................56
Маҷлиси дуввум:.......................................................................58
Маҷлиси сеюм: .........................................................................60
Маҷлиси чаҳорум: ...................................................................63
Алоқа бо ҷаҳони ғайб ............................................................66
Ёрон ва шогирдони Имом (а) .............................................74
Шаҳодати Имом (а).................................................................83
Охирин васияти Имом (а) ....................................................85
Чанд гуфтор аз Имом (а): ....................................................86